**АКАДЕМИЯИ МИЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСИИ**
**БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

**ТДУ: 341.76(575)+32(575.3)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*



**МАҲМАДОВА ФАРЗОНА АБДУРАҲМОНОВНА**

# МУЗОКИРОТИ СИЁСӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ БЕВОСИТАИ ОН ДАР ҲАЛЛИ НИЗОЪҲОИ МИНТАҚАВӢ (ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ

**ДУШАНБЕ – 2026**

Диссертатсия дар шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Раҷабов Саитумбар Адинаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор

**Муқарризони расмӣ:** **Саидзода Зафар Шералӣ** - мудири шуъбаи ИДМ-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои таърих.

**Хусейнзода Аминҷон Бурихон** - муовини ректор оид ба таълимӣ-методии Донишгоҳи иноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҳимояи диссертатсия 20 июни соли 2026, соати 13:00 дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовиддинови АМИТ (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «__ » _______ соли 2026 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои сиёсӣ**
**Email: Sanginov1953@mail.ru** **Сангинов Н.Н**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки мушкилоти музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар мадди аввал гузошта шудааст. Омӯзиши ин падида ҳамчун василаи ҳалли низоъҳои сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ин минтақа беш аз пеш аҳамият пайдо кардааст. Бар асоси ин, омӯзиши мушкилоти музокироти сиёсӣ ҳамчун роҳи пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои минтақавӣ имрӯз дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти хоса дорад.

Мавриди зикр аст, ки баъди ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаи рушди низоъҳо шиддат гирифт, ки ба муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон таъсири ҷиддӣ расонид. Бояд гуфт, ки низоъ дар минтақа замоне ба миён меояд, ки як давлат ва ё гуруҳи давлатҳо манфиатҳои миллии дигаронро ба инобат нагиранд. Ин, пеш аз ҳама, бевосита равандҳои сиёсиро дар соҳаи амният, сарҳади давлатӣ, масъалаҳои иқтисодиёт, муносибатҳои миллӣ, дин ва идеология фаро мегирад.

Дар баробари ин, оғози низоъҳои байнидавлатӣ аз шакл ва механизмҳои пайдоиши онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, коршиносон, сарварони сиёсӣ ва миёнаравҳо бояд роҳҳои ҳалли низоъҳоро тавассути баҳс ва дигар шаклҳои музокироти байнидавлатӣ – дипломатия ва амалҳои ғайрианъанавӣ пайдо намоянд.

Айни замон, таҳримҳои иқтисодиву сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ низ барои пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои минтақавӣ истифода бурда мешаванд. Дар баробари ин, қувваҳои байналмилалӣ ризоияти тарафҳои ба ҳам муқобилро барои ҳалли низои хушунатомез тақозо намекунанд. Ин масъала, ба салоҳияти Созмони Милали Муттаҳид барои нигоҳ доштани сулҳу оромӣ дар ҷаҳон дахл дорад. Бояд гуфт, ки воситаҳои пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои сиёсӣ, дар навбати аввал, ба навъҳои гуногуни онҳо вобаста аст. Муайян кардан ва эътироф кардани сабаби пайдоиши низоъ яке аз роҳҳои пешгирӣ ва ҳалли он ба ҳисоб меравад. Масалан, пеш аз ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» раванди тулонии сулҳомез сурат гирифт, ки дар он асосҳои муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон бо СММ, САҲА, Россия, дигар кишварҳои узви ИДМ, Афғонистон, Эрон ва Покистон ташаккул

ёфтанд. Воқеан, аввалин шартномаву созишномаҳои байналмилалии Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ба имзо расида буданд ва пеш аз ҳама, қатъу пешгирии ҷанг ва рафъи оқибатҳои онро ҳадафи худ қарор доданд» [15, с.29].

Ҳамин тариқ, мавзӯи “Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ” ҳамеша ба такмили минбаъда ва коркарди усулҳои нави таҳқиқот вобаста ба таҳлилу омӯзиши объективии ин масъала ниёз дорад. Интихоби мавзуи кори илмӣ - таҳқиқотӣ ва коркарди он дар замони соҳибистиқлолии кишварамон барои ба эътидол овардани шиддати низоъҳҳои мухталифи минтақавӣ заминаи боэътимод гузошта , муҳиммияти мавзуро тасдиқ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқи мушкилоти музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои зуҳури онҳо дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар мисоли давлатҳои Осиёи Марказӣ имрӯз хеле кам мавриди омӯзиш қарор дорад ва шарҳи ҳамаҷонибаи консептуалиро тақозо мекунад. Мавзӯи мазкур вобаста ба ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар асоси таҳқиқоти назариявию методологии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мураттаб шудааст.

Баррасии дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмиро ба гуруҳҳои зерин ҷудо кардан лозим меояд.

**Гуруҳи якуми** муллифони ғарбӣ - Л. Козер [63], Р. Дарендорф [64], К. Боулдинг[65], А. Раппопорт[66], И. Галтунг[67], Ч. П. Ледерак [69] ва дигарон ақидаҳо оид ба назарияи низоъ ва ҳолатҳои низоангезро коркард намудаанд.

**Гуруҳи дуюмро** олимони рус ба монанди Василенко И.А. [5], Ансупова А.Я., Шипилова А.И. [3], Соколова С.В. [26], Боришполец К.П. [4], Кулагин В.М. [11], Игнатова А.В. [8] ташкил медиҳанд, ки масоили низоъҳо ва музокироти байналмилалро мавриди омӯзиш қарор доданд. Музокироти сиёсӣ ва миёнаравӣ ҳамчун василаи ҳалли низоъ дар нашрияҳои дигар аз ҷониби олимони рус ба таври муфассал баррасӣ шуда, миёнаравиро ҳамчун роҳи алтернативии ҳалли низоъ таҳлил намудаанд.

**Гуруҳи сеюмро** муҳаққиқони ватании зерин ташкил медиҳад: Маҳмадов А.Н., Хопёрская Л.Л., [15; 17], Раҷабов С.А. [20; 21; 22;], Саизода З.Ш. [58; 59; 60], Фаттоев С. [27], Раҳматуллаев Э. [24], Хидирова М.У. [28], Зокиров Г.Н. [7], Муҳаммадзода П.А. [40; 41; 42; 43], Ҳакимов Р.М. [37], Имомов А. [38], ки дар корҳои илмии онҳо ба

сарчашмаи пайдоиш ва амиқ шудани низоъҳо ва ҳолатҳои низоангез дар минтақаи Осиёи Марказӣ, инчунин истифодаи раванди музокирот барои ҳалли онҳо таъкид карда шудааст.

**Ба гурӯҳи чорум** пажуҳишҳои сиёсатшиносони Тоҷикистон ба мисли С.Расулов[34], С.Маҳмадов[16], С.Зоидов [31] ва С.Муродов [32] дохил мешаванд, ки бевосита масъалаҳои муошırати сиёсӣ, муколамаи сиёсӣ, муколама ҳамун падидаи ҷамъиятию сиёсӣ ва ғайра таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки масоили музокирот дар монография ва рисолаҳои илмии муаллифони номбурда ҳамчун муколама, муошират ва муошırати сиёсӣ баррасӣ шудаанд. Ба андешаи мо, ин равиш бештар ба фаҳмиши иҷтимоӣ-фалсафии мушкилот марбут аст, зеро дар илмҳои сиёсӣ музокирот, бахусус дигаргунсозии сиёсии онҳо ҷузъи муҳими раванди муколама дониста мешавад. Дар ин росто, рисолаи илмии Расулов С.Х. таваҷҷӯҳи зиёдро ба худ ҷалб менамояд, ки дар он қайд мегардад, ки «муошırати сиёсӣ ҳамчун муошırати расмӣ, ҷамъиятӣ, институтсионалӣ байни мақомот ва мардум, сиёсатмадорон дар байни худ, ки хусусиятҳои гуногун доранд, рӯйдодҳои сиёсӣ буда, аз нуқтаи назари намудҳои муошират ва ҳолатҳои мушаххаси иртиботӣ таҳқиқро тақозо мекунад»[34].

Аммо таҳлили дигар масъалаҳои сиёсӣ нишон медиҳад, ки татбиқи моделҳои музокирот оид ба ҳалли низоъ бештар ба ҳамкории субъектҳои сиёсӣ вобастагӣ дошта, ба ҳалли низои воқеии бавуқпайваста нигаронида шудааст.

Бешубҳа, музокироти сиёсӣ барои ҳамкории мутақобила чи дар дохили кишвар ва чи миёни давлатҳо роҳ мекушояд. Дар асоси ин, вайрон кардани сарҳади давлатӣ, бад шудани муносибатҳои гуногуни байналмилалӣ ва ба вуҷуд омадани низоъҳои нав, ҳама навъҳои дигари низоъҳои минтақавӣ ба музокироти сиёсию дипломатӣ ниёз доранд.

Дар робита ба ин тасдиқоти комилан асосноке мавҷуд аст, ки «истифодаи миёнаравӣ дар сатҳҳои иҷтимоӣ ва байналмилалӣ хусусиятҳои худро дорад, ки ба он вобаста аст, масъалан бисёр ҷонибҳо одатан дар равандҳои сиёсии байналмилалӣ иштирок мекунанд: давлатҳо ва намояндагҳои онҳо, созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, аз ҷумла шахсон ё гурӯҳи шахсон, ки ягон давлатро намояндагӣ намекунанд ва албатта, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Дар объектҳои баҳс, дараҷаи хавфи худи раванди

оштишавӣ, муҳлати он, муносибати тарафҳо нисбат ба ҳамдигар ва миёнарав, шиддати вазъият ва ғайра фарқ доштанд»[86].

Мавриди қайд аст, ки дар раванди миёнаравӣ, навъи низоъҳое, ки бо кумаки миёнарав ва музокироти сиёсӣ ҳал мешаванд, аҳамияти бузург дорад.

Бояд гуфт, ки дар корҳои таҳқиқотии муҳаққиқони Осиёи Марказӣ аз қабили: Раҷабов С.А.[21], Ҷекшенқулов А.Д.[6], Олимов М., Камолиддинов А. [44], Майтдинова Г.М. [39], Суюнбоев М., Мамитова А. [46], Усубалиев Т.У. [47], Бобохонов Р. [49], Масадиқова Т. [54] проблемаҳои мушаххаси низоъҳои сиёсии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ ва таҳлил гардидаанд. Масалан, зимни таҳлили ин падида профессор Раҷабов С.А. қайд мекунад, ки “ҳоло корҳои фаъол барои имзо расонидани созишномаҳо миёни СММ ва созмонҳои минтақавӣ ҷиҳати фароҳам овардани заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ барои ҳамкории миёни онҳо идома доранд. Ба андешаи муаллиф, ба имзо расонидани чунин созишномаҳо байни созмонҳои минтақавӣ метавонад самаранокии кори онҳоро дар самти ҳалли мусолиматомези низоъҳои байналмилалӣ ба таври қобили мулоҳиза афзоиш диҳад»[21, с.56].

Аз ин рӯ, ба назар мерасад, ки таҳқиқи нокифояи масоили моҳият ва нақши музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ ва ҳолатҳои ҷангӣ дар Осиёи Марказӣ дар илми ҷомеашиносии ватанӣ, ба андешаи мо бо натиҷаҳои бадастомадаи рисолаи илмии мо пурра менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон вобаста ба “Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар институтҳои ҳамгироии минтақавӣ ҳамчун омили рушди устувор ва амнияти Тоҷикистон” иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** таҳлили музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ташкил медиҳад.

Бо назардошти ҳадафи зикршуда зарур мешуморем, ки **вазифаҳои зерини тадқиқотӣ** ҳал карда шаванд:

— таҳқиқу таҳлили равишҳои илмии муосир дар кушода додани моҳияти музокироти сиёсӣ;

— тавсифи музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун навъи махсуси ҳалли низоъҳои минтақавӣ;

— дида баромадани хусусиятҳои бевоситаи музокироти сиёсӣ ва заминаҳои ба вучуд омадани низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;

— асоснок намудани мақом ва нақши музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;

— муайян намудани дурнамои татбиқи музокирот дар ҳалли низоъҳои эҳтимолӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ.

— таҳлил намудани мақоми омили инсонӣ дар раванди музокироти сиёсӣ;

— нишон додани нақши Эмомалӣ Раҳмонӣ ҳамчун Сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсӣ;

**Объекти таҳқиқот** музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқот** муайян кардани моҳияти падидаи музокироти сиёсӣ, марҳилаҳои рушди он, нақш ва мақоми омили инсонӣ дар раванди музокирот, инчунин роҳҳо ва дурнамои ҳалли эҳтимолии низоъҳои сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар шароити номуайянии ҷаҳонӣ низоъҳои мусаллаҳона дар минтақаҳои гуногунии олам идома доранд, ки ба низоми муосири амнияти байналмилалӣ таҳдид менамоянд. Бинобар ин, музкирот ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои гуногун, аз ҷумла дар раванди низоъҳои мусаллаҳона метавонад мусоидат намояд. Вале дар баъзан ҳолатҳо музокирот бо назардошти омилҳои гуногун эҳтимол ба мушкилот дучор гардад, ки раванди музокирот метавонад тулонӣ гардида, марилаҳои зиёдро дар бар гирад. Гумон меравад, ки музокирот сиёсӣ навъҳо ва роҳҳои гуогуни танзим ва ҳалли низоъҳоро фаро гирифта, самтҳои мухталифи назариявию методологиро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, татбиқи музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун навъи махсуси танзим ва ҳалли низоъҳои минтақавӣ муҳим ба ҳисоб рафта, дар амал татбиқ шудани он нақши муассир дорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** идеяҳои сиёсатшиносони шинохта, инчунин дигар коркардҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар соҳаи назария ва амалияи музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии қабулшуда, дар танзим ва ҳалли низоъҳои сиёсӣ  ташкил медиҳанд.

Илова бар ин, асосҳои назариявии таҳқиқотро парадигмаи низоъшиносӣ ташкил медиҳад, ки ба консепсияи низои мусбӣ-функсионалии Л.Козер, модели низоангези ҷомеа аз ҷониби Р.Дарендорф ва назарияи умумии низоъшиносии М.А. Штанко ва дигарон ташкил медиҳад.

Дар таҳқиқоти мо барои таҳлили музокироти сиёсӣ ва ҳалли низоъҳои митақавӣ дар Осиёи Марказӣ консепсияҳои таҳиякардаи С.Расулов, С.А.Махмадов, С.Н. Зоидов, С. Муродов, Г.М. Майтдинова, А.Камолиддинов, М.Суюнбоев, А.Мамитова Т.У. Усубалиев, Н. Мингбоев марвиди истифода қарор гирифтанд. Истифодаи онҳо имкон дод, ки музокирот ва заминаҳои ба вуҷуд омадани низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқ ва роҳҳои ҳалли онҳо дарк карда шавад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Барои ҳалли вазифаҳое, ки дар раванди таҳлили мавзӯъ гузошта шудаанд, усулҳои умумии илмӣ, аз ҷумла системавӣ, мантиқӣ, функсионалӣ, муқоисавӣ, сиёсатшиносӣ ва ғайра истифода шудаанд. Дар рисола равиши байнисоҳавӣ вобаста ба хусусиятҳои бевоситаи музокироти сиёсӣ истифода шудааст, ки дар сиёсатшиносӣ, низоъшиносӣ ва дипломатия истифода гардидаанд.

Ба сифати сарчашмаи асосӣ консепсияҳои алоҳидаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масоили музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот** аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ; маълумоти воқеие, ки дар таҳқиқоти монографӣ оид ба проблемаҳои музокироти сиёсӣ ва ҳалли низоъҳои сиёсӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, инчунин усулҳои танзим ва ҳалли онҳо мавҷуданд; натиҷаҳои тадқиқот, ки шахсан муаллиф гузаронидааст, иборат мебошад.

**Навогонии илмии таҳқиқот** аз мураттаб ва асосноксозии равишҳои назариявӣ ва методологӣ ба мазмуни масоили таҳлили

музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар танзим ва ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ иборат аст.

Дар раванди таҳқиқот як қатор масъалаҳои илмӣ баррасӣ мегардад, ки онҳоро метавон ба таври зерин пешниҳод кард:

— равишҳои илмии муосир дар таҳқиқи моҳияти музокироти сиёсӣ кушода дода шудааст;

— аҳамияти истифодаи музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун навъи махсуси ҳалли низоъҳои сиёсӣ дида барома шудааст;

— хусусиятҳои бевоситаи музокироти сиёсӣ ва заминаҳои ба миён омадани низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ муайян ва асоснок карда шудааст;

— мақоми омили инсонӣ дар раванди музокироти сиёсӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст;

— нақши Эмомалӣ Раҳмонӣ ҳамчун Сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсӣ нишон дода шудааст;

— мақом ва нақши музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ муайян карда шудааст;

— дурнамои татбиқи музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои эҳтимолии байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ баррасӣ карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар ҷаҳони муосир музокироти сиёсию дипломатӣ барои ҳалли низоъҳои сиёсӣ, ки дар минтақаҳои алоҳида ба вуҷуд меоянд, хеле васеъ истифода мешаванд. Онҳо ҳамчун як навъи махсуси ҳалли низоъҳои байнидавлатӣ самаранокии худро дар «нуқтаҳои даргир»-и ҷаҳон, аз ҷумла дар минтақаи Осиё Марказӣ нишон доданд. Аз ин рӯ, музокироти сиёсӣ барои таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ яке аз усулҳои муҳими муътадил гардонидани вазъи иҷтимоию сиёсӣ ба шумор меравад, ки бояд аз мадди назари миёнаравҳо ва мутахассисони касбӣ дур намонад.

2. Музокироти сиёсӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи байни кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозад. Баъд аз фурӯпошии Иттифоқи Советӣ масъалаҳои ҳалношудаи марбут ба аломатгузории марзҳои (демаркатсияи ва демилитатсия) кишварҳои Осиёи Марказӣ тадриҷан сабаби низоъҳои байнидавлатӣ гардид. Махсуса,н ин масъала то охири солҳои 2021 дар равобити Қирғизистону Тоҷикистон равшан мушоҳида мешавад. Низоъҳои марзӣ миёни ду кишвари ҳамсояи Осиёи Марказӣ, ки бар асари

даъвоҳои ҳудудии Қирғизистон ба баъзе қитъаҳои замин дар шимоли Тоҷикистон ба вуқуъ пайваст, ба талафоти зиёди инсонӣ аз ҳарду ҷониб оварда расонид.

Барои пешгирии вусъат наёфтани низоъҳои марзии маҳаллӣ байни ҷумҳуриҳои соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ ба низоъҳои мусаллаҳона, роҳандозии раванди музокироти сиёсӣ дар мавриди аломатгузории марзҳои давлатии онҳо ягона роҳи ҳалли дуруст мебошад.

3. Нақши музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои ба вуқуъ пайвастаи байни кишварҳои Осиёи Марказӣ, чуноне ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, хеле калон аст. Қобилият ва тавони бо роҳи музокирот ва созишҳо ҳал кардани низоъҳо қисми ҷудонашавандаи фарҳанг ва фаъолияти мардумони сокини ин минтақа мебошад.

Аз ин рӯ, дар сатҳи байнидавлатӣ гузаронидани музокироти сиёсӣ бо мақсади ҳалли низоъҳои ба вуҷудомада бешубҳа ба ҳамин анъанаҳои мусбати қавмҳои шарқии Осиёи Марказӣ асос ёфтааст. Масъалаи мазкур на танҳо ба ҳалли мусоиди ихтилофҳои мавҷуда мусоидат карда метавонад, балки як навъ ибтидои раванди боз ҳам наздик шудани мардумони кишварҳои минтақа ва ба вуҷуд овардани фазои таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмии миёни онҳо гардад.

4. Истифодаи музокироти сиёсӣ барои ҳалли низоъҳои эҳтимолӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ комилан воқеӣ аст ва барои ин тамоми шароиту заминаҳои зарурӣ мавҷуд аст. Аз ин лиҳоз, муносибатҳои неки ҳамсоягии байни ҷумҳуриҳои минтақаро ҳамаҷониба инкишоф дода, равандҳои ҳамгироиро дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва дигар қолабҳо, аз ҷумла дар қолаби Машварати сарони давлатҳои Осиёи Марказиро бо роҳҳои гуногун таҳким ва тавсеа бахшидан зарур аст.

**Аҳмияти назаривӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки татбиқи хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар онҳо овардашуда ба тавсеаи назарияи музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои сиёсӣ мусоидат намуда, онҳоро метавон дар танзим ва ҳаллу фасли низоъҳои сиёсии байни давлатҳои гуногун истифода бурд, то ки ба ин раванд хусусиятҳои прагматикӣ дода шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти ба даст овардаи муаллифро дар таҳлили музокироти сиёсӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ, низоъҳои байналмилалӣ ва дигар низоъҳои маҳаллӣ истифода бурдан мумкин аст.

Хулоса ва пешниҳодҳои асосии рисолаи диссертатсияро инчунин метавон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки бо масъалаҳои музокироти сиёсӣ, ҳалли низоъҳо, инчунин проблемаҳои ҳудудӣ ва сарҳади давлатӣ сарукор доранд, тавсия кард.

Маводҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда метавонанд дар дарсҳои сиёсатшиносӣ, дипломатия, муносибатҳои байналмилалӣ ва масъалаҳои низоъҳои сиёсӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз дурусту дақиқ будани маълумоти истифодашудаи муаллиф ва ҳаҷми мавҷудаи маводи илмӣ-таҳқиқотии диссертатсия, инчунин коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва интишороти илмии довталаб бармеояд. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ (дар асоси маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глоблӣ ва минтақавӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, санҷиши манбаҳои иттилоот, муайян кардани объект ва предмети таҳқиқот, муқаррар намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумоти бадастомада, муқаррароти назариявӣ ва методолгӣ, тавсияҳо ва хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб мебошанд. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаи онро мустақилона натиҷагирӣ намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 06 марти соли 2026 (суратмаҷлиси №4), муҳокима гардида, ҳамчун кори илмии аслӣ баҳогузорӣ ёфта, барои дифоъ дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-079 тавсия гардидааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Қисми алоҳидаи рисола, махсусан, масъалаҳо ва хулосаҳои он аз ҷониби муаллиф дар бисёре аз конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, дар шакли маърӯза ироа ва ба нашр расид.

Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия. Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот ин 10 мақолаи илмӣ дар маҷаллҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертации. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 198 саҳифаи компютериро ташкил мекунад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи мазкур асоснок карда шуда, аҳамияти таҳлилу таҳқиқи музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ нишон дода шудааст. Инчунин, дараҷаи омӯзиш, объекту предмет, мақсаду вазифаҳо, навгонии илмӣ, фарзияи илмӣ, аҳамияти илмию назариявӣ, саҳми шахсии довталаб баррасӣ гардидааст.

**Боби I. “Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаи музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои он”** унвон ёфтааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад ва бевосита ба таҳлили назариявию методологии таҳқиқи таҳлилу таҳқиқи музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ бахшида шудааст, ки дар он мафҳуми « музокироти сиёсӣ “радикализми сиёсӣ», моҳият ва заминаҳои пайдоиши он дар ҳошияи назарияҳои сиёсӣ баррасӣ гардидаанд.

**Зербоби аввали боби якум – “Равишҳои муосири илмӣ дар таҳқиқи мушкилоти музокироти сиёсӣ”** ном дорад, ки дар он музокирот ё муколамаи сиёсӣ яке аз роҳҳои асосӣ ва усулҳои хеле мураккаби ҳалли низоъҳои дохилидавлатӣ ва байнидавлатӣ дар ҷаҳони муосир ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар раванди музокироти сиёсӣ масоили равобити тарафҳо, давлатҳо ва халкҳои ба ҳам муқобил ҳамчун нуктаи ба ҳам омадан (баҳамоӣ) муҳокима карда

мешаванд ва ин дар халли низоъҳои минтақавӣ низ истифода мешавад. Чунин комёбии созиши байни одамон, пеш аз ҳама, ба халли масъалаҳое нигаронида шудааст, ки барои муътадил гардондани вазъият, ҳолтаи саршавии ҷанг ё низоъ истифода бурда мешаванд.

Мафҳуми «музокирот» аз истилоҳи “nigotium”- и лотинӣ сарчашма гирифта, ni — «не» ва otium — «фароғат, истироҳат», ки аз наздикии аслии ин мафҳум бо тиҷорат ва фаъолияти тоҷирон шаҳодат медиҳад. Баъдтар ин мафҳум асосан бо мақсади ба роҳ мондани равобити тарафҳо барои ҳалли масъалаҳои гуногун истифода мешуд. Бешубҳа, ҳангоми ҳалли ихтилофҳои дохилию берунӣ ва низоъҳо, инсоният ба ҷуз музокирот, дигар усул ва ё роҳи боэътимоди пешгирӣ ё бартараф кардани онҳоро надорад.

Ба андешаи аксари муҳаққиқон ва коршиносон, музокирот ин раванди «мубодилаи иттилоот байни тарафҳо дар давраҳои муайяни вақт мебошад. Бо гирифтани маълумоти бештар дар бораи ҳамдигар, онҳо усулҳои стратегӣ ва тактикии худро муайян мекунанд, интизориҳояшонро ба донишҳои нав мувофиқ менамоянд, талаботи онҳоро муайян месозанд ва ғайра. Мубодилаи иттилоот тавассути паёмҳои мустақим ва баръакс раванди даврии иттилоотиро ба вуҷуд меорад»[68].

Бояд қайд кард, ки музокирот бештар ба рафтори сиёсии инсонҳо алоқамандӣ доранд. Аз ин рӯ, барои танзими низоъҳои гуногун, масалан, низоъҳои сиёсӣ, музокироти сиёсӣ ва дипломатияи сиёсӣ яке аз роҳҳои ҳалли он баррасӣ карда мешаванд.

Вобаста ба ин, мафҳуми «музокироти сиёсӣ» махсусан дар соҳаи дипломатия тасдиқ гардидааст, зеро маҳз музокирот қариб тамоми соҳаи фаъолияти дипломатияи муосирро фаро мегиранд. Зиёда аз он, онҳо на танҳо маънои мавҷудияти гумоштаи дипломатӣ ҳамчун роҳбари намояндагӣ мебошанд, балки тамоми дипломатия дар маҷмӯъ ба ҳисоб мераванд ва шаклу намудҳои дигари фаъолияти дипломатӣ нисбат ба он мавқеи зертобеъро ишғол менамоянд.

Албатта, музокироти сиёсӣ ин илм ва санъати ба даст овардани созишномаҳои сиёсӣ дар шароитҳои мухталиф — дар шароити муҳорибаҳои ҷангии тарафҳо ва дар замони осоишта буда, назариячиёни мактабҳои гуногун роҳҳои ҳалли ин масъаларо басо зиддиятнок пешниҳод мекунанд. Аммо ҳамаи онҳо бар он андешаанд, ки музокироти сиёсӣ ин як навъ хоси муносибатҳои сиёсии байни одамон мебошад, ки онро омӯхтан мумкин аст ва бояд омӯхт» [5]. Ба

ҳар ҳол, агар сухан дар бораи гуфтушунид ҳамчун санъат сухан равад, пас дар навбати аввал, онро бояд ҳамчун "санъати имконпазир" муайян намуд [9, с.59].

Ба андешаи мо, музокироти сиёсӣ ин амали мустақил, бидуни зӯроварӣ ва ҳаракати шаҳрвандони дохилию хориҷӣ мебошад, ки дар он мутахассисони ҳукумат, мухолифон ва миёнаравҳои дигар бо мақсади тағйир додани муносибатҳо байни гурӯҳҳои мухолиф ё даргир фаъолият мекунанд.

Аз ин рӯ, музокироти сиёсӣ як шакли фаъолияти мушкилест, ки дар он иштирокчиёни онҳо дар раванди мубоҳисаҳо ҳамдигарро рад карда, умуман хислати созишномаи сиёсиро муайян мекунанд. Дар ин раванд маҳорат ва таҷрибаи баланди музокиротчӣ, ки бо эҳтимоли муайян кардани вазъият, низои сиёсиро танзим карда метавонад, аҳамияти муҳим дорад. Дар баробари ин дигар намудҳои музокирот низ мавҷуданд.

Масалан, И. Мавлонов, тавсифи музокироти байналмилалии иқтисодиро тавсиф намуда, изҳори андеша менамояд, ки « ин як баҳси расмии намояндагони давлатҳо оид ба муносибатҳои иқтисодии дуҷониба ва бисёрҷониба бо мақсади ҳамоҳангсозии стратегияи иқтисодии хориҷӣ, тактика ва амалҳои дахлдори дипломатӣ, табодули афкор, табодули иттилоот, омодагӣ ба имзои шартномаҳо, ҳалли масъалаҳои баҳсноки сулҳ ва ғайра мебошад.Музокироти байналмилалии иқтисодӣ - усули асосии бо роҳи осоишта ҳал намудани баҳсу низоъҳо дар равобити иқтисодии байналмилалӣ, ки байни давлатҳо ба вуҷуд меояд, яке аз усулҳои маъмултарини ҳуқуқи байналмилалии инкишоф додан ва таҳкими ҳамкории иқтисодии байни давлатҳо мебошад» [13, с.7-8].

Аммо дар илмҳои сиёсӣ муҳаққиқон музокироти сиёсиро ҳамчун муоширит, раванди муколама[16, с. 42], гуфтушунидҳои сиёсӣ [23, с. 25] ва ғайра муайян менамоянд. Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки «музокироти сиёсӣ - як навъи хоси равобити байнишахсии сиёсии тарафҳо ва фаъолияти муштаракест, ки ба ҳалли низоъҳои сиёсӣ ё ташкили ҳамкорӣ нигаронида шудааст ва қабули қарорҳои муштарак бо созишномаҳо ва шартномаҳои хаттӣ дар назар дошта мешавад.

Идоракунии музокирот оид ба низоъҳои сиёсӣ ин фаъолияти субъектҳои сиёсӣ барои пешгирӣ ё ҳаллу фасли он, ё мувофиқ кардани

роҳи он барои самарнаок ноил шудан ба ҳадафҳои раванди кунунии сиёсӣ мебошад» [10, с.179]

Дар илми муосир муносибатҳои мухталиф ба музокироти сиёсӣ барои ҳалли низоъҳо истифода мешаванд, ки дар маҷмӯъ ҳамдигарро ғанӣ ва тақвият мебахшанд. Аммо дар тамоми ҳолат пешбурди музокироти сиёсӣ, сарфи назар аз гуногунии андешаҳо, бояд ба якдигарфаҳмӣ ва эҳтироми тарафҳо ба ҳамдигар вобаста бошад.

Дар баробар ин, қобили зикр аст, ки музокироти сиёсӣ як ҷузъи муколамаи сиёсӣ дар шакли амалҳои мушаххаси музокиракунандагон оид ба танзим ё ҳалли низоъҳои байнидавлатӣ ва дигар навъи низоъҳо мебошанд.

Дар асоси таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии масоили музокирот ҳамчун воситаи ҳалли низоъҳо, барои таснифоти музокирот роҳҳои гуногун мавҷуданд. Ба андешаи аксари муҳаққиқон:

1. Музокирот оид ба тамдиди муҳлати шартномаҳои мавҷуда.
2. Музокирот дар бораи ба эътидол овардан.
3. Музокирот дар бораи аз нав тақсим кардан.
4. Музокирот дар бораи ба вуҷуд овардани шароити нав.
5. Музокирот оид ба ноил шудан ба таъсири манфӣ [58, с.89].

Бешубҳа, «музокироти байни тоҷикон аз ҷумлаи амалҳои сиёсию ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳадафи ниҳоии онҳо на танҳо ба даст овардани сулҳ ва таҳкими сулҳ, балки пешгирии низоъҳои эҳтимолии нав мебошад.... Ҳукумати расмӣ яке аз тарафҳое буд, ки дар бораи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) тасмим гирифт. Қарори КОМ танҳо дар сурате эътибор дошт, ки аз ҷониби Президент дастгирӣ ёбад, зеро дар асоси муқарраоти КОМ мақомоти ҳукуматӣ ӯҳдадор буданд қарорҳои қабулнамудаи Президент ва КОМ-ро иҷро намоянд» [14, с.156].

Бо натиҷагирии гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки консепсияҳои муҳаққиқони барҷастаи ҷомеашиносӣ музокироти сиёсиро ягона воситаи боэътимоди пешгирӣ ва танзими низоъ дар марҳалаи кунунии рушди инсоният муайян мекунанд. Онҳо аз дигар навъхои музокирот бо он фарқ мекунанд, ки мақсадҳои аввалиндараҷаи онҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисобгирии объективӣ ва татбиқи манфиатҳои тарафҳои даргир мебошад.

Музокироти сиёсӣ аксар вақт дар баробари усули дигари ҳалли низоъ – гуфтушунидҳои дипломатӣ истифода мешаванд, ки хусусияти хоси худро доранд,

**Зербоби дуюми боби якум** – «**Музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун навъи махсуси ҳалли низоъҳои сиёсӣ**» ном дорад, ки дар он баъзе хусусиятҳои музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун падидаи нав дар рушди ҳалли низоъҳо сазовори таваҷҷӯҳи пажуҳишгарон ва коршиносони соҳа мебошад. Музокироти сиёсӣ ва ҳалли низоъҳо дар идораикунии фаъолияти давлатӣ шакли махсуси шарикии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Албатта, гуфтушуниди сиёсӣ ё дипломатӣ ҳамчун нуктаи ҳамфикрӣ оид ба масоили ҷанг ва сулҳи байни тарафҳои ба ҳам мухолиф давлатҳо ва халкҳоро муттаҳид менамояд. Чунин мулокотҳо, пеш аз ҳама барои ҳалли масъалаҳое заруранд, ки бевосита ба муътадил гардондани вазъият ё ба вазъи кунунии муносибатҳои байнидавлатӣ мусоидат мерасонанд.

Маҳз ба “ воситаи дипломатия ва фаъолияти касбии дипломатҳо барои пешгирӣ кардани низоъҳо, ҳалли осоиштаи баҳсҳои байналхалқӣ, барқарор намудани муносибатҳои мутақобилан судманди байнидавлатӣ шароит фароҳам овардан мумкин аст. Дар баробари ин кишвар метавонад бо истифода аз хидмати дипломатӣ таъриху фарҳанги худро дар хориҷи кишвар таблиғ кунад ва барои бастани созишномаҳои нави мутақобила шароит фароҳам оварад” [18, с.5-6].

Албатта, раванди музокирот ва дипломатияе, ки давлатҳо дар ҳама давру замон истифода мебаранд, хусусиятҳои хоси худро дорад. Низоъҳо дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ пас аз фурӯпошии Иттифоқи Советӣ, ки бар асари муқовиматҳои мусаллаҳонаи пайваста ба вуҷуд омада буданд, танҳо бо қувваи низомӣ натавонистаанд ҳал шаванд. Албатта, яке аз кафилҳои асосии ҳалли низоъҳои сиёсӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, худи кишварҳои минтақа ва мардумони он, инчунин дигар кишварҳои миёнарав буд.

Бояд гуфт, ки бо ба имзо расидани “Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “марҳилае оғоз шуд, ки созишномаҳои хаттии қаблан ҳосилшуда, ки ба ҳам алоқаманд буда, пурра амалӣ гардиданд. Ҳамзамон дар фазои сиёсии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил идеяи ташкили музокироти байни тоҷикон дар Россия ва баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ тадриҷан амалӣ гардид.

Музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун шакли махсуси ҳалли низоъҳои дохилӣ ва байнидавлатӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ барои аксари давлатҳои Осиёи Марказӣ нақши муҳим бозид.

Проблемаи музокироти сиёсӣ ва дипломатия дар муносибатҳои байни давлатҳо низ бояд бо назардошти шаклу мундараҷаи хоси онҳо ҳал карда шавад. Тасаввур кардан душвор аст, ки музокиракунанда дар раванди музокирот бо гуруҳи террористон ва ё ифротгароёни динӣ ба чӣ гуна мушкилот дучор мешавад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар баъзе мавридҳо роҳҳои ҳалли масъалаҳои ба миён омадаро ёфтан мумкин аст. Дар ин самт механизми ҳуқуқии танзими чунин муносибатҳо ҳанӯз инкишоф наёфтааст ва музокироти сиёсӣ ва дипломатияи байнимиллӣ ҳангоми барангехтани низоъ ва дигар амалҳои ифротгароиву террористӣ натиҷаи мусоид дода наметавонанд.

Ногуфта намонад, ки зуҳур ва паҳншавии ифротгароӣ дар ҳар як кишвари алоҳидаи Осиёи Марказӣ гуногун буда, ба шароити иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии онҳо иртибототи зич дорад. Ба андешаи коршиносон, ифротгароӣ махсусан дар минтақае паҳн шудааст, ки дар он дин одатан нақши муҳими иҷтимоӣ-фарҳангӣ дошт. Истифодаи омилҳои динӣ дар ҷомеае, ки дар шуури аксарияти шаҳрвандон бартарӣ дорад, низ душвор нест. "Таблиғгарон" ва "тарафадорони"-и ақидаҳои динию ифротӣ инро хуб дарк карда, бо либоси динӣ ба ҳадафҳои сиёсии худ расидан мехоҳанд.

Махсусан," чунин вазъиятро метавон дар минтақаҳои ҷанубии Осиёи Марказӣ (Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон) мушоҳида намуд, ки як минтақаи махсусе мебошанд, ки дар он суннатҳои исломӣ қавианд ва таблиғгарони ифротгароёни динӣ аз ин далел ба манфиати худ истифода мебаранд" [53].

Аммо як масъалаи муҳимро ба назар гирифтан лозим аст, ки системаҳои ҷамъиятӣ дар ҳама кишварҳо якхела набуда, таъсири гуруҳҳои динии вокунишӣ низ гуногун аст. Бинобар ин, таъсири ақидаҳои ифротӣ, динӣ ва сиёсӣ ба аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ низ гуногун аст.

Аз ин лиҳоз, масъалаҳои марбут ба вазъи динӣ, бахусус ифротгароии динию сиёсӣ, на танҳо дар ҳудуди як ҷумҳурӣ, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ як хусусияти умумӣ доранд: онҳо барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоии худ аз иқтидори ифротгароии

сиёсӣ бештар истифода мебаранд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки водии Фарғона, ки феълан бахше аз ҳудуди аз Қирғизистону Тоҷикистон ва Ӯзбакистонро фаро гирифтааст, бахусус барои густариши тарҳҳои ифротгароӣ ва ташдиди низоъҳои сиёсӣ мувофиқ аст. Зеро ин минтақа маконест, ки дар он миллату халқиятҳои гуногун дар тули асрҳо дар паҳлӯи ба ҳам зиста, як шуури динии муштарак доранд

Дар тадқиқотҳои хусусияти методологӣ ва технологияи сиёсӣ доранд, инчунин созишномаҳои маҷбурӣ ва ихтиёриро низ баррасӣ мекунанд, ки аз ҳамдигар кулан фарқ мекунанд. Созишномаи маҷбурӣ дар музокироти сиёсӣ ба ногузирии гирдоби ба амал омада вобаста аст. Ин вазъият метавонад дар натиҷаи якҷониба нишон додани қувва ё таҳдиди истифодаи он ба муқобили тарафи дигар ба вуҷуд ояд. Аммо сулҳе, ки бо ин роҳ ба даст оварда шудааст, на ҳамеша устувор аст ва дар лаҳзаи зарурӣ боиси низои сиёсии харобиовартар шуда метавонад.

Маълум аст, ки низои сиёсӣ дар Тоҷикистон асосан тавассути ҳамин усул ҳал шуданд. Тавофуқе, ки дар Тоҷикистон ҳосил шуд, аз як ҷониб дарк кардани мухолифони тоҷик ба мантиқӣ ва фоҷиабор будани мақеъашон ва аз ҷониби дигар бо иродаи қавии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шаҳрвандони кишвар имконпазир шуд.

Ҳамин тариқ, вобаста ба таҳлили масоили музокироти сиёсӣ ва дипломатӣ ҳамчун шакли махсуси танзими низоъҳои сиёсӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки он аксар вақт ҳамчун миёнаравии кишварҳои сеюмро дар раванди ҳалли низои байни ҷонибҳои даргир ба вуҷуд меояд.Хусусияти фарқкунандаи музокироти бевоситаи дипломатӣ, ки дар сатҳи намояндагиҳои ин сатҳ сурат мегирад, дар он инъикос меёбад, ки иштирокчиёни онҳо дар асоси дастурҳои дақиқ танзимшуда амал мекунанд, вале ҳуқуқи мустақилона баровардани хулосаи ниҳоиро надоранд.

Бо вуҷуди ин, музокироти сиёсиву дипломатӣ ҳамчун усули асосии ҳалли низоъҳо дар ҳалли низоъҳои маҳаллӣ ҳам дар миқёси ҷаҳонӣ ва ҳам дар минтақаи Осиёи Марказӣ васеъ паҳн гардидаанд. Ба андешаи мо, онҳо барои ҳалли осоиштаи бисёр баҳсҳои байнидавлатӣ аҳамияти якуминдараҷа доранд ва дар оянда метавонанд воситаи асосии (агар ягона ҳам набошад) ҳалли масъалаҳои баҳсталаб дар сатҳи минтақавӣ гарданд.

**Боби II. “Мақоми музорикироти сиёсӣ дар раванди танзими низоъҳои маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ ва дурнамои татбиқи он”** номгузорӣ шудааст, ки дар он раванди музокирот, нақши музокирот ва дурнамои татбиқи музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоҳҳои эҳтимолии маҳҳалӣ ва минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлилу таҳқиқ ёфтаааанд.

**Зербоби аввали боби дуюм** ин “ Раванди музокирот ҳамчун масири ҳалли низоъҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ” мебошад. Дар он муаллиф падидаи «музокирот» -ро дар ҷомеа як ҷузъи ҷудонашавандаи соҳаи иҷтимоию сиёсии ҳаёти инсон нишон додааст. Дар илмҳои муосири сиёсӣ, бахусус сиёсатшиносӣ, муҳаққиқон пешбурди музокиротро ҳамзамон ба якчанд самтҳои таҳқиқоти амалӣ рабт медиҳанд: технологияҳои идоракунӣ; таҷрибаҳои коммуникатсонӣ, низоъшиносии иҷтимоӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ.

Илова бар ин, бояд таъкид кард, ки донишгоҳу донишкадаҳои кишварҳои ғарбӣ беш аз 50 сол боз фанҳои марбут ба музокироти сиёсӣ ва усулҳои ҳалли онҳоро меомӯзанд ва таълим медиҳанд. Дар замони Советӣ курсҳои махсуси музокирот танҳо дар академияҳои дипломатӣ ва Донишкадаи равобити байналмилалии Москва гузаронида мешуданд.

Қобили зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ин курс аллакай ҳамчун як бахши сиёсатшиносӣ ва низоъшиносӣ, инчунин курсҳои махсуси музокироти байни тоҷикон ҷорӣ карда шуда буд. Аввалин курси махсуси “Сотсиологияи низоъ” ва “низоъшиносӣ” соли 1998 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба роҳ монда шуда буд. Баъдан, дар заминаи факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон беш аз 15 сол мешавад, ки мавзӯи “Таҷрибаи сулҳи тоҷикон” ва “Санъати музокироти байналмилалӣ” таълим дода мешавад. Дар ин самт дар кишвар китобҳои зиёд низ таҳти унвони “Сулҳнома”, “Оштинома” ва “Асноди музокироти байни тоҷикон”, “Арзиши ваҳдати миллӣ”, “Ваҳдати миллӣ: дурнамои давлати соҳибихтиёри тоҷик” ва дигар китоб ва монографияҳои илмӣ ба нашр расиданд.

Дар Қирғизистон ва Ӯзбакистон низ ҳамин гуна курсҳо ҳамчун заминаи академияи дипломатӣ пас аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон таъсис дода шуданд. Дар Қазоқистон тайи даҳсолаҳои

охир мавзӯи музокирот бо номи “Назария ва амалияи раванди музокирот” ба курси “Муносибатҳои байналмилалӣ” дар Донишгоҳи миллии омӯзгории Қазоқистон ба номи Абай шомил шудааст. Дар ин мавзуъ, китоби дарсии «Муқаддима ба музокироти байналхалқӣ» низ чоп гардида буд [30].

Музокирот як раванди мураккабест, ки дар он иштирокчиён дар амалҳои мутақобила бо истифода аз усулҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба ҳамдигар машғуланд. Шояд мушкилии калонтарин ин ташкили раванди музокирот дар умум бошад ва идора кардани он дар тамоми раванди вохурӣ бошад [61]. Аз ин рӯ, муайян кардани моҳияти музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бавуҷудомада, хусусияти хосро доро мебошад.

Ба андешаи мо, вобаста ба раванди музокироти фаъол дар Осиёи марказӣ, ки солҳои охир ба амал омад, метавон чунин таърифи музокироти минтақавиро дар шакли зерин манзур намуд:

Музокироти минтақавӣ – ин нишасту вохӯриҳо дар сатҳи балнду олӣ ва созишномаҳои дуҷонибаву бисёрҷониба байни давлатҳо ё созмонҳо дар як минтақаи муайяни ҷуғрофӣ барои ҳалли масъалаҳои умумии ҳарбӣ-сиёсӣ, амниятӣ-сарҳадӣ, обу экология, иқтисодӣ ё фарҳангӣ мебошанд, ки аксар вақт ба ҳалли низоъҳо, ҳамкорӣ дар соҳаи гуногун ё ҳамгирой алоқаманд мебошад.

Масалан, ЧумаченкоТ.Н. таъкид мекунад, ки музокироти байналмилалӣ дорои вазифаҳои мухталиф буда, дар як вақт иҷрои якчанд вазифаро дарбар мегирад ва умуман навъҳои зеринро ҷудо менамояд:

- дарёфти роҳи ҳалли муштараки мушкилот;
- вазифаи иттилоотӣ;
- вазифаи иртиботӣ;
- вазифаи танзимкунанда;
- вазифаи ташфиқотӣ;
- ҳалли вазифаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ [62].

Оид ба таснифоти дигари музокирот ва хусусиятҳои онҳо бояд қайд намуд, ки онҳо умуман бо механизмҳои ҳалли масъалаҳо, давомнокии худ, шумора ва дараҷаи дарк ва дониши иштирокчиён, таъсири тарафҳои сеюм ва иҷрои қатъии масъалаҳои ҳалшуда аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ аксар вақт худро аз якдигар дур меҳисобиданд. Аз ин рӯ, онҳо сиёсати хориҷиро

ҷузъи асосии давлатдории миллӣ мешумориданд ва ба риояи қатъии принсипҳои муайян исрор меварзиданд: маслан барои Қазоқистон қаблан ин ҳамгироии авруосиёӣ буд, ки бо баҳси авруосиёӣ дар фазои ҷамъиятии дохилӣ тақвият дода мешуд; барои Туркманистон ин "бетарафии доимӣ" аст; барои Тоҷикистон ин ҳувияти форсизабон ва ҳамгироии пас аз Советӣ буд, ки ба он имкон медод, ки аз мушкилоти муносибатҳои сарди худ бобаъзе кишварҳои ҳамсоя канорагирӣ намояд; ва барои Қирғизистон ин стратегияи боз дар ҳама самтҳо буд. «Дар он замон вазъият дар Ӯзбекистон мураккабтар буд. Вақте ки дар аввали солҳои 1990-ум Ӯзбекистон худро ҳамчун пешвои бебаҳси Осиёи Марказӣ меҳиосбид, фаъолона ҳамкории дохилиминтақавиро ҷонибдорӣ менамуд. Пас аз ноком шудан дар талоши худ барои табдил шудан ба як лидери минтақавӣ, кишвар худро ҳамчун маркази эҳтимолии ваҳдати минтақавӣ аз мавқеи худ даст кашид ва сиёсати ҳифзи қатъии марзҳои худ, муоширaт бо ҳамсоягон танҳо "бар хилофи иродаи худ" ва пайгирии стратегияи канорагириро дар мубодилаи иқтисодии минтақавӣ пеш гирифта буд. Ҳамаи ин ба оқибатҳои манфӣ, бахусус дар водии Фарғона, минтақаи ноороми ҳамсарҳад бо Қирғизистон, оварда расонида буд» [70].

Имрӯз Осиёи Марказӣ фазои давлатҳои баробарҳуқуқ бо сохторҳои гуногуни иқтисодӣ, демографӣ, пойгоҳҳои захиравӣ ва самтҳои геополитикӣ мебошад.

Ягонагӣ танҳо тавассути мутаҳҳидии ин фарқиятҳо имконпазир аст, на тавассути ҳаракат ба сӯи моделҳои фаромиллӣ ё бартарии як рӯзномаи ягона. Барои Тоҷикистон, асосан муҳим аст, ки форматҳои минтақавӣ нобаробарии шароити ибтидоиро ба назар гиранд ва ба манбаи номутавозинии пинҳонӣ табдил наёбанд

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳои минтақа, муҳим аст, ки «муттаҳидшавии Осиёи Марказӣ суботро тақвият диҳад, адолатро таъмин кунад ва фарқиятҳои объективиро ба назар гирад, на ин ки онҳоро бо эъломияҳо иваз кунад.

Ояндаи минтақа на дар қатъ кардани робитаҳо, балки дар пайвастагии оқилонаи онҳост. На дар шиорҳо, балки дар ниҳодҳо. На дар ҳувиятҳои рақобатпазир, балки дар масъулият барои фазои умумии Авруосиё” [58].

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати хориҷӣ аз ҷиҳати илмӣ ва амалии он метавонад эҷоди мушкили муосири низоъҳои сиёсӣ бошад, зеро дар ҷомеаи муосир шубҳа вуҷуд дорад, ки эҳтимоли рух

додани чунин падидае вуҷуд надорад, ки аз ҷиҳати хусусияти ангезаи доимии зиддиятҳо ва низоъҳо бо қудрат қобили муқоиса бошад.

Ҳамин тариқ, бо ҷамъбасти таҳлили дар боло зикршуда, мо метавонем хулоса барорем, ки дар ҷаҳони муосир музокирот воситаи муҳими ҳалли низоъҳо мебошанд. Онҳо инчунин барои ҳалли низоъҳои маҳаллӣ, ки аксар вақт байни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз рӯи даъвоҳои қаламравӣ ба миён меоянд, муҳиманд.

Музокирот дар сатҳи байнидавлатӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои баҳсбарангезро муштарак баррасӣ кунем ва барои ҷалби миёнаравон барои ҳалли осоиштаи низоъҳои сиёсӣ шароит фароҳам оварем. Агар ин музокирот ҳамчун усул ё воситаи ҳалли низоъҳои сиёсӣ фаҳмида шаванд, онҳо метавонанд шакли муҳокимаи озод ва одилона ва ҳамдигарфаҳмиро гиранд.

Аз ин рӯ, мо боварӣ дорем, ки нақши музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ хеле бузург аст ва аз ин рӯ, зарур аст, ки ин мушкилотро дар чаҳорчӯби методологии илмҳои сиёсӣ таҳлил намоем, ки онро дар бахши ояндаи таҳқиқоти худ баррасӣ менамоем.

**Зербоби дуюми боби дуюм “Нақши музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ”** ном дорад, ки мақому манзалати музокироти сиёсӣ ҳамеша дар ҳалли низоъҳо хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Бахусус, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки пас аз фурӯпошии Иттифоқи Советӣ ва ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ, шиддат гирифтани низоъҳои дохилӣ ва хориҷӣ, сатҳи музокироти сиёсӣ ва дипломатияро ба таври назаррас афзоиш кард. Ин раванд, бахусус байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон ва Тоҷикистон ва Қирғизистон, пас аз ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ оғоз шуда, то солҳои наздик идома дошт.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мафҳумҳои нави иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ барои танзим ё ҳалли низоъҳо пайдо шудаанд. Ин мафҳумҳо дар баробари истилоҳот ба монанди "муттаҳидӣ", "ваҳдат", "сулҳ", "ҳамгироӣ", "гуфтушунид", "фарҳанги муошират", "гуфтушунидҳои сиёсӣ" ва ғайра истифода мешаванд. Дар айни замон, ин мафҳумҳо ба афкори ҷамъиятӣ таъсири мустақим мерасонанд ва истифодаи онҳо дар муошират, аз нигоҳи равонӣ, ба шаҳрвандони кишварҳои даргир таъсири мусбат мерасонад.

Ба андешаи мо, сӯҳбат ва муколамаи сиёсии дарозмуддат дар байни тоҷикон ба падидаи "ваҳдати миллӣ" ҳамчун як сарвати боэътимоди маънавӣ мусоидат кардааст, ки кори худро анҷом дода, ҳамчун арзиши муҳим эътироф шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳаёти сиёсии бисёр кишварҳо муқоисаи ҷанг ва сулҳ, ваҳдат ва ҳамкории тарафҳои муқобил ва эҷоди ҳувият бештар хоси миллатҳо ва халқҳои бумӣ мебошанд. Аз ин рӯ, таҷрибаи Тоҷикистон дар ин соҳа хеле беназир ва воқеан сазовори эҳтиром аст.

Бояд қайд намуд, ки нақши музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои сиёсӣ дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ як падидаи беназир ва қисми муҳими фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоии мардуми ин кишварҳо ба ҳисоб меравад. Музокироти сиёсӣ, пеш аз ҳама, раванди муттаҳидӣ ва садоқат ба ташаббусҳои созанда ва эҷодӣ ҳисобида мешавад, ки фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва таҳаммулпазириро байни кишварҳои ҳамсоя фароҳам меорад.

Аммо, дастовардҳои асосии ИДМ-ро метавон дар ҷаласае, ки 24 сентябри соли 1993 дар Маскав баргузор шуд, мушоҳида кард. Дар ин ҷаласа сарони давлатҳои узви ИДМ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимро имзо карданд. Яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳо Қарор дар бораи таъсиси Нерӯҳои сулҳҷӯи дастаҷамъӣ буд»[52], ва бар асоси ин ҳуҷҷатҳо қарор дар бораи таъсиси Нерӯҳои сулҳҷӯи дастаҷамъӣ дар Тоҷикистон қабул карда шуд [33, С.12].

Нерӯҳои сулҳҷӯи дастаҷамъӣ «бояд фаъолияти худро дар чор самти асосӣ анҷом медоданд:

а) тақвияти сулҳу субот дар Тоҷикистон ва ба эътидол овардани вазъият дар марзи байни Тоҷикистон ва Афғонистон;

б) фароҳам овардани шароите, ки имкон медиҳад, ки байни ҷонибҳои манфиатдор барои ҳалли низои сиёсии дохилӣ дар Тоҷикистон муколама анҷом дода шавад;

в) ба даст овардан, ҳифз кардан ва тақсим кардани кӯмаки башардӯстона ба аҳолии ҷумҳурӣ;

г) фароҳам овардани шароит барои бозгашти гурезагон ва ҳифзи инфрасохтори ҷомеаи тоҷик» [36, С.102].

Гарчанде ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 40 сол боз сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳукмрон аст, даъвоҳои беасоси қаламравии баъзе аз ҳамсоякишварҳо мутаасифона боиси ба низоъҳои нави

байнидавлатии кутоҳмуддат оварада расонид. Барои пешгирӣ аз чунин таҳаввулоти номатлуб ва идомаю тулонӣ нагрдидани низоъ, роҳбарияти олии сиёсии кишвар ҳама чораҳои имконпазирро андешид ва аз роҳҳои дипломатӣ барои гуфтушунид дар бораи муайян кардани марзи одилона дар доираи қонунҳои мавҷудаи байналмилалӣ самаранок истифода намуд.

Ҳамин тариқ, нуктаҳои дар боло зикршуда ба мо имкон медиҳанд, ки хулоса барорем, ки музокироти сиёсӣ ҳамчун усули муассири ҳалли низоъҳо ва ҳалли баҳсҳои байнидавлатӣ дар амалияи муосири байналмилалӣ васеъ истифода мешавад. Маҳз ин усул, бо назардошти манфиатҳои ҷонибҳои муқобил дар раванди гуфтушунид, метавонад низоъҳои сиёсии маҳаллиро, ки дар минтақаи пасошӯравӣ дар Осиёи Марказӣ ба миён меоянд, бо роҳи осоишта ҳал кунад.

Инро пас аз фурӯпошии Иттифоқи Советӣ ҳалли масъалаи демаркатсияи байни сарҳадҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон тасдиқ мекунад. Албатта, бо истифода аз имкониятҳои музокироти сиёсӣ, инчунин ҳалли масъалаҳои марбут ба делимитатсияи қаламравҳои шимолии ҳаммарзи Тоҷикистон ва минтақаҳои шарқии Ҷумҳурии Қирғизистон имконпазир гардид.

Мо итминони комил дорем, ки музокироти сиёсӣ дар ниҳоят ба самараноктарин усулҳои ҳалли низоъҳои эҳтимолӣ байни кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ табдил хоҳанд ёфт.

**Зербоби сеюми боби дуюм “Дурнамои татбиқи музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои эҳтимолии маҳаллӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ”** баррасӣ гардидааст, ки дар он музокироти сиёсӣ дар ҳалли баҳсҳои дохилӣ ва байналмилалӣ нақши махсус доранд.

Ба ибораи дигар, тавассути музокироти сиёсӣ, ҷонибҳои мухолиф ирода ва хоҳиши неки худро барои ҳалли низоъ тавассути ҳамдигарфаҳмӣ сафарбар мекунанд. Ин дар музокироти байни ҷонибҳои даргир дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар даҳсолаи охири асри 20 ба таври возеҳ зоҳир гардида буд. Бешубҳа, музокироти сиёсӣ ба ҳам наздик шудани ақидаҳо байни ҷонибҳо ва ифодаи манфиатҳои миллӣ мусоидат кард, ки бо таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва низоми демократии сиёсии ҷомеаи тоҷик алоқаманданд.

Маълум аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ айни замон давраи беназири рушд ва тағйироти куллиро аз сар мегузаронанд, ки ин, пеш аз ҳама, дар муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти

иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҷумҳуриҳои соҳибихтиёри пасошӯравӣ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон, ба кишварҳои ҳамсоя ва сафари роҳбарони ин давлатҳо ба Тоҷикистон аз ҷумлаи нишонаҳои мусбати тағйирот дар наздикшавӣ ва ҳамкории онҳо мебошанд.

Бояд қайд кард, ки гарчанде Россия ва Эрон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба якдигар наздиканд, баъзе соҳаҳое ҳастанд, ки манфиатҳои онҳо бо ҳам бархӯрд мекунанд. Россия ба он манфиатдор аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар фазои ягонаи иқтисодии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил боқӣ монанд. Эрон талош меварзад, ки ин кишварҳоро тавассути ҳамкории иқтисодӣ ба муносибатҳои минтақавӣ ҷалб намояд. Аммо, фазои сиёсӣ дар ин кишварҳо он қадар бузург ва васеъ аст, ки эҳтимоли бархӯрди манфиатҳои Россия ва Эрон дарояндаи наздик камтар аст. Ба ҷои интизори бархӯрди манфиатҳо, муҳим аст, ки таъсири афзояндаи дигар кишварҳоеро, ки қобилияти сармоягузории маблағҳои калон ва пешбурди дипломатияи фаъолро доранд, ба назар гирем.

Чунон ки воқеияти муносибатҳои Россия ва Эрон нишон медиҳад, дурнамои рушди онҳо имкониятҳои бузургеро барои ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ фароҳам меорад. Аз ҷумла, Россия, Эрон ва дигар ҷумҳуриҳои минтақаро манфиатҳои муштарак барои таҳкими амният дар минтақа муттаҳид менамояд, ки метавонанд асоҳои бевоситаи коркарди барномаҳои байналмилалии амниятӣ гардад.

Ғайр аз ин, муносибатҳои байни Россия ва баъзе аз кишварҳои Осиёи Марказӣ вобаста ба хусусият, ниёзҳо ва талошҳои ҳар яки онҳо сохтори ягона надорад. Масалан, «Ӯзбекистон, ба ғайр аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, танҳо бо Афғонистон марз дорад; Тоҷикистон бо Афғонистон ва Чин ҳамсарҳад аст; Туркманистон бо Эрон марзи тӯлонӣ дорад; ва Қирғизистон бо Чин ҳамсарҳад аст. Барои Ӯзбекистон масъалаи ҳифзи муштараки марзҳои берунаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо Россия ба миён намеояд» [17, с.64-65].

Осиёи Марказӣ барои Россия аҳамияти бузурги геостратегӣ дорад, ки ҷаҳони исломро аз ҷаҳони масеҳӣ ҷудо мекунад. Аз ин ҷиҳат, Тоҷикистон ҳамчун дарвозаи кишварҳои Шарқ аҳамияти бузурги геополитикӣ дорад.

Вобаста ба ин Россия бояд дар ин раванд ҳадафҳои зеринро ба назар гирад:

1) пешгирӣ аз густариш ва паҳншавии ғасби фундаменталистии Толибон дар минтақа;

2) тақвияти нуфузи Россия дар минтақа ва бо ин роҳ пешгирӣ аз нуфузи Ғарб, ки Россия бо он дар бисёр соҳаҳо рақобати муассир дорад;

3) таъмини амнияти худ, зеро амнияти Россия, пеш аз ҳама, аз субот ва амнияти сарҳадҳои ҷанубии он вобастагӣ дорад.

Ҳамзамон, бо таҳлили вазъи кунунии Осиёи Марказӣ, мо метавонем манфиатҳои умумии геополитикии Россия ва Эронро дар минтақа муайян намоем. Равшан аст, ки субот дар минтақа бидуни рушд ва тақвияти муносибатҳои Россия ва Эрон ба даст намеояд. Пушида нест, ки баъзе қудратҳои ғарбӣ кӯшиш менамоянд, ки ба муносибатҳои наздики ду кишвар дахолат намоянд ва онҳоро аз пешбурди фаъолонаи сиёсати байналмилалӣ боздоранд, ки ин ногузир ба амнияти миллӣ ва давлатии онҳо таҳдид мекунад.

Дар айни замон, Осиёи Марказӣ минтақаест, ки дар он манфиатҳои Эрон аз нигоҳи доираи нуфузи худ бо манфиатҳои дигар кишварҳо даргиранд. Ҷолиб он аст, ки таъсири афзояндаи Эрон аз рӯзҳои аввали истиқлол роҳбарияти баъзе кишварҳои Осиёи Марказиро нигарон кардааст. Баъзе аз онҳо бовар доранд, ки бо афзоиши нуфузи Эрон, фундаментализми исломӣ ба манбаи асосии низоъ дар минтақа табдил хоҳад ёфт.

Ҳузур ва манфиатҳои геополитикии Туркия дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ташкили Созмони кишварҳои туркӣ ба манфиатҳои геполтикии бисёр кишварҳо, ба хусус барои Россия ва Чин низ розгор нест. Дар сиёсати имрӯзаи Россия ва Чин як навъ сиёсати зидди идеологияи туркӣ ба назар мерасад,ки метавонанд таъсири худро дар минтақа расонанд.

Илова бар ин, ҳузури ташкилотҳои террористию экстремистӣ дар Афғонистон, эҳтимоли ҳамали онҳо ба минтақа, инчунин дигар таҳдидҳои аз Афғонистон бароянда вазъи сиёсии Осиё Марказиро мураккабтар менамояд.

Аз ин рӯ, дар байни мушкилоти зиёде, ки мардуми Осиёи Марказӣ дар ин марҳилаи рушд бо онҳо рӯ ба рӯ ҳастанд, яке аз мураккабтаринҳо нашъамандӣ ва қочоқи моводи мухаддир аст. Дар даҳсолаи охир қочоқи маводи мухаддир, нашъамандӣ ва ҷиноятҳои марбут ба маводи мухаддир ба таври назаррас афзоиш ёфта, ба сабаби асосии низоъҳои дохилӣ ва фаромарзӣ табдил ёфта буд.

Чанд сол боз созмонҳои байналмилалӣ баъзе ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро дар қатори кишварҳои «фасодзадатарин» дар ҷаҳон арзёбӣ мекунанд. Аз ҷумла, Узбакистон, Туркманистон ва Қирғизистон дар рейтинги «шаффофияти ҳукумат» дар ҷойҳои хеле паст қарор доранд. Гурӯҳҳои қочоқи маводи мухаддир пайваста мансабдорони камдаромади минтақаро ба тарафи худ мекашанд ва бо ин васила «занҷири пуриқтидори дастгирӣ барои қочоқи маводи мухаддир"-ро эҷод мекунанд» [29, с.121-122].

Албатта, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Туркманистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон айни замон дар ин самт корҳои зиёдеро анҷом медиҳанд.

Метавон қайд кард, ки «гуфтушунидҳо байни тоҷикон як амали сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳадафи ниҳоии он на танҳо ба даст овардан ва тақвият додани сулҳ, балки пешгирии низоъҳои нав ва эҳтимолӣ низ мебошад. Ҳукумати расмӣ ҳизбе буд, ки қарори сиёсиро дар бораи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) қабул кард. Қарори КОМ танҳо бо дастгирии Президент эътибор пайдо кард, зеро мувофиқи Оинномаи КОМ, мақомоти давлатӣ вазифадор буданд, ки қарорҳои Президент ва КОМ-ро иҷро намоянд»[48, с.121-156]..

Ҳамин тариқ, таҳлили дурнамои истифодаи музокироти сиёсӣ барои ҳалли низоъҳои эҳтимолӣ дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки то он даме, ки масъалаҳои ҳалношудаи ҳудудӣ ва марбут ба об байни кишварҳои минтақа вуҷуд доранд, хатари баҳсҳои ҷиддӣ байни онҳо боқӣ мемонад.

Аз ин рӯ, агар низоъҳои маҳаллии байнидавлатӣ ба миён оянд, ягона роҳи боэътимоди ҳалли онҳо музокироти сиёсӣ аст, ки метавонад аз зӯроварӣ ва амалиёти низомии байнидавлатӣ, ки боиси талафот ва харобӣ мешаванд, пешгирӣ кунад.

Бовар меравад, ки дурандешии шарқӣ ва анъанаҳои дӯстии хоси фарҳангҳои халқҳо ва роҳбарияти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ омилҳои муҳим дар пешгирии оқибатҳои манфии низоъҳои эҳтимолии байнидавлатии маҳаллӣ дар ин минтақа хоҳанд буд.

**Боби III. Нақши омили инсонӣ дар раванди музокироти сиёсӣ**” аз ду зербоб иборат аст, ки дар онҳо нақши омилҳои инсонӣ дар музокироти сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. **Зербоби якуми боби сеюм** “**Мақоми омили инсонӣ ва раванди музокироти сиёсӣ”** унвонӣ шудааст, ки дар он музокироти сиёсӣ нақш ва мақоми омили

инсонӣ хеле таъсири зиёд дорад. Дар музокироти байналмилалӣ, давлатҳо, созмонҳо ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ манфиатҳо ва ҳадафҳои худро тавассути намояндагони расмии худ амалӣ менамоянд. Аз ин ҷиҳат, музокиракунанда бо ду роҳ амал мекунад: аз як тараф, ҳамчун шахсе, ки барои пешбурди манфиатҳои ниҳоде, ки намояндагӣ мекунад (давлат, созмони байналмилалӣ ва ғайра) даъват шудааст, ва аз тарафи дигар, ҳамчун музокиракунанда бо услуб ва малакаҳои хоси миллӣ, фарҳангӣ ва инфиродии худ. Ин масъалаи хусусиятҳои шахсиятеро ба миён меорад, ки ба раванди музокироти сиёсӣ таъсир мерасонанд.

Дар бораи аҳамияти хусусиятҳои шахсият дар раванди музокирот ақидаҳои қариб муқобил баён шудаанд. Ҳамин тариқ, як қатор муаллифон қайд мекунанд, ки шахсият дар музокирот дар гузашта муҳим буд, дар ҳоле ки имрӯз музокиракунандагон дар чаҳорчӯбаи хеле қатъии омилҳои объективӣ фаъолият мекунанд..

Дар айни замон, наметавон иддао кард, ки таваҷҷӯҳи таҳқиқотӣ ба хусусиятҳои шахсияти музокиракунандагон вуҷуд надорад ё коҳиш меёбад. Баръакс, метавон гуфт, ки тамоюли муқобил амал мекунад, ки махсусан дар давраи музокироти Тоҷикистон ва Қирғизистон ва  бӯҳрони ИМА ва Эрон зоҳир шуд. Ҳангоми баррасии ҳалли низоъ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон тавассути гуфтушунид, як қатор муҳаққиқон ба таҳлили хусусиятҳои шахсияти Эмомалӣ Раҳмон ва Садир Ҷапаров пардохтанд. Инчунин, таваҷҷӯҳ ба он равандҳои музокироти сиёсии миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ низ афзоиш меёбад, ки хусусиятҳои рафтории музокиракунандагони дигари мушаххасро тавсиф мекунанд.

Маслан, дар музокироти сиёсӣ аксар вақт манфиатҳои давлат ва элитаҳои сиёсии он ба назар гирифта мешаванд, ки ин ба қабули қарорҳо, бахусус дар раванди музокироти миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон таъсир расонид.

Роҳбаре ба монанди Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо ҳамчун ташаббускори равандҳои минтақавӣ (масоили об, амният)  баромада мекунад ва тасвири як нерӯи созандаро эҷод менамояд. Ба шарофати сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша сулҳҷӯёна ва беғаразона мебошад. Бо эълони принсипи "дарҳои кушода",

Тоҷикистон бори дигар садоқати худро ба эҳтироми мутақобила, баробарҳуқуқӣ ва ҳамкории судманд бо ҳамаи кишварҳои наздику дур тасдиқ намуд. Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият дорад. Тоҷикистон ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақаро ҳамчун механизми муҳими рушди муштарак ва таъмини сулҳу субот мешуморад.

Тоҷикистон ягона роҳи ҳалли ҳама гуна масъалаҳои минтақавиро танҳо тавассути музокироти осоишта мебинад. Тавре ки рӯйдодҳои ахир дар соли 2025 миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон нишон доданд, танҳо музокирот тавонсит мушкилоти мавҷударо ҳал намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша аз ташаббусҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки ба рушд ва шукуфоии Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд, пуштибонӣ мекунад. Татбиқи амалии бисёр лоиҳаҳо танҳо бо мавҷуд будани сулҳ ва субот дар минтақа ва атрофи он имконпазир аст. Дар ин робита, ҳалли мушкилот, хатарҳо ва таҳдидҳое, ки минтақа бо онҳо рӯбарӯ аст, зарур аст.

Метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиби худро дар таҳкими амнияти минтақавӣ мегузорад. Қолаби нави ҳамокрие, ки дар сатҳи байналмилалӣ бо номи "Раванди Душанбе" маъруф аст, роҳандозӣ шудааст. Он аз соли 2018 инҷониб амал мекунад. Аз он вақт инҷониб, он таваҷҷуҳи ҷомеаҳои минтақавӣ ва ҷаҳониро ба худ ҷалб кардааст.

Илова бар ин, суханрониҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар форумҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамеша бо пешниҳодҳо ва ташаббусҳои созанда садо медиҳанд, ки пеш аз ҳама ба таъмини амният ва рушди устувори муштарак, тақвияти ҳамкорӣ ва пайвастагии байни давлатҳо ва беҳтар кардани некӯаҳволии мардуми минтақат Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд [56].

Омили шахсӣ шароити хуби кориро дар раванди музокирот фароҳам меорад, аммо метавонанд хатарҳоеро низ ба вуҷуд оранд, ки бо вобастагии баланди равандҳои сиёсӣ аз қарорҳои як шахс алоқамананданд.

Вобаста ба ин масъала таҳлили равандҳои асосии гуфтушунид дар ҷаҳон барои солҳои 2025–2026 нишон медиҳад, ки чунин ҳолат низ ба назар мерасад. Масалан, оғози моҳи феврали соли 2026 шиддат гирифтани якчанд равандҳои муҳими гуфтушуниди байналмилалӣ

буд, ки ба ҳалли низоъҳои тулонӣ ва ҳалли масъалаҳои дигар дар сатҳи ҷаҳонӣ нигаронида шуданд.

Вобаста ба масъалаи мазкур, Аббос Ароқчӣ, вазири корҳои хориҷии Эрон, рӯзи 4 марти 2026 президенти ИМА Доналд Трампро ба хиёнат ба дипломатия ва мардуми Амрико бо қатъ кардани музокироти ҳастаӣ муттаҳам карда, чунин изҳор намуд: «Вақте ки музокироти мураккаби ҳастаӣ мисли муомилоти амволи ғайриманқул баррасӣ мешавад ва дурӯғҳои бузург воқеиятро хира мекунанд, интизориҳои ғайривоқеӣ амалӣ намешаванд. Натиҷа чӣ хоҳад шуд? Бомбаборон(Мушакборон) кардани мизи музокирот аз рӯи кина ва қаҳр. Ҷаноби Трамп ба дипломатия ва амрикоиҳое, ки ӯро интихоб кардаанд, хиёнат кардааст» [50].

Таъсири омили инсонӣ ва  амали халалдорсозии ба раванди музокироти миёни ин кишварҳо, инчуни ҳамла ба Эронро дигар кишварҳо низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, танқиди шадид намуданд.

Масалан, вазири корҳои хориҷии Чин Ван И ба он далел таваҷҷӯҳ кард, ки ИМА ва Исроил ҳангоми идомаи музокирот ҳамлаҳои муштарак ба Эронро анҷом доданд ва ин ҳамлаҳоро «вайронкунии қонунҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ» номид.

Ӯ инчунин зарурати муқовимати муштарак ба амалҳои якҷонибаро таъкид кард. «Ҳамлаҳо ба кишварҳои соҳибихтиёр бидуни тасдиқи Шӯрои Амнияти СММ пояҳои сулҳи пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳониро халалдор мекунанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд овози равшан ва қатъиро алайҳи бозгашт ба қонуни ҷангал садо диҳад» [51].

Илова бар ин, вақте ки сухан дар бораи таъсири омили инсонӣ ва раванди музокироти сиёсӣ меравад, пеши назарамон шахсиятҳое меоянд, ки дар раванди ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ иштирок ва нақши хосса доштанд. Аз ҷумла, дар ин равандмақоми музокиракунандагон академик Талбак Назаров, академик Кароматулло Олимов, профессор Тағой Раҳмонов ва дигарон хеле баланд арзёбӣ мегардад. Комиссияи оштии миллӣ, ки аз ду қисм ва ду ҷониби бо ҳамдигар муқобил таъсис ёфта буд, дар вақти музокира ба бисёр дастовардҳое ноил гардиданд, ки натиҷаи фаъолияти пурмаҳсули музокиракунандагон мебошад.

Рушди равандҳои ҳамгироӣ дар ҷаҳон инчунин нақши афзояндаи музокиротро ҳамчун воситаи ҳамкории байналмилалӣ

муайян мекунад. Маҳз тамаркуз ба ҳалли муштараки мушкилоти байналмилалӣ бо ҷонби муқобил, хоҳ дар доираи низоъ ва хоҳ ҳамкорӣ, музокиротро аз амали яктарафа фарқ мекунад. Ин ҳадафи асосии онҳо дар арсаи байналмилалӣ аст ва вазифаи асосии музокиротро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, дар баъзе мавридҳо, ин мушкилот на танҳо масъалаҳоеро, ки мустақиман дар рӯзномаи гуфтушунид қарор доранд, балки масъалаҳои берун аз онро низ дар бар мегиранд. Кори муштараки иштирокчиён оид ба мушкилоти байналмилалӣ на танҳо ба ҳалли онҳо, балки ба фаҳмиши амиқтари муносибатҳои байналмилалӣ дар маҷмӯъ оварда мерасонад.

Мувофиқат ва тафовути манфиатҳои шарикон, ки шарти зарурии гузаронидани музокирот мебошад, боиси пайдо шудани вобастагии байни иштирокчиён мегардад. Ғайр аз ин, ҳар қадар ҷонибҳо бештар вобастагии мутақобила дошта бошанд ва ҳар қадар онҳо аз ин далел огоҳ бошанд, ҳамон қадар қобилияти онҳо барои андешидани қадамҳои яктарафа маҳдудтар мешавад ва дар натиҷа, онҳо маҷбур мешаванд, ки якҷоя, яъне тавассути музокирот, роҳи ҳалро ҷустуҷӯ кунанд. Ин тавозуни манфиатҳо гуфтушунидҳои байналмилалиро ба фаъолияти худтанзимкунанда ва дугона табдил медиҳад, зеро иштирокчиён ҳамеша имкони гузаштан ба самти муқовимат ё ҳамкории пурраро доранд. Аммо, агар ин рӯй диҳад, гуфтушунидҳо ба як навъи дигари ҳамкорӣ табдил меёбанд: ҳамкорӣ ё низоъ.

Ҳангоме ки ҷаҳон таҳаввул меёбад ва бештар бо ҳам вобаста мешавад, аҳамияти музокироти сиёсӣ ҳамчун воситаи ҳалли низоъ ва ҳамкорӣ тавассути таҳлили муштараки мушкилот бо шарик тадриҷан меафзояд, дар ҳоле ки баъзан нақши гуфтушунид коҳиш меёбад. Аммо, ин вазъиятро танҳо метавон ҳамчун тамоюли умумии таърихӣ ҳисобид.

**Зербоби дуюми боби сеюм** “Нақши Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсӣ” баррасӣ гардидааст, ки дар он муаллиф мақому мартабаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти Чумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро хеле баланду боло таҳқиқ намудааст. Муаллифи диссертатсия дар ин зербоб менависад, ки дар аввали солҳои 1990-ум, Ҷумҳурии Тоҷикистонро низои таҳмилии шаҳрвандӣ фаро гирифт, ки кишвар дар остонаи нестшавӣ қарор дошт. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, таҳдиди аз даст додани ягонагии миллӣ ва

парокандагии мавҷудияти ҷумҳурии мустақилро зери суол бурд. Аз ин рӯ, бо роҳбарию ҳидоятҳои Президенти кишвар дар муддати начандон тулонӣ кишварамон аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ берун бароварда шуд.

Бисёре аз коршиносон дуруст қайд менамоянд, ки дар раванди тағйирпазирии ҷомеа ва рушди давлатҳо аксар вақт бо роҳбарони барҷаста алоқаманд буда, асосан аз дурандешӣ, азму ирода ва ҷасорати сарварони сиёсии он вобаста аст. Масалан, ба анадешаи профессор Муҳаммад А.Н. падидаи сарварӣ аз замони пайдоиши инсон ва ҷомеа вуҷуд дошт ва ҳамеша одамон дар зиндагӣ ба сарвари шуҷоъ, марди кордон ва роҳбаладн закӣ ниёз доштанд. Дар илмҳои сиёсӣ сарварӣ дар худ хусусияти гуногунро таҷассум намуда, пояи асосии сиёсат ва ҳокимият ба шумор меравад ва доираи маҳдуди инсонҳоро дар бар мегирад, ки қобилияти махсус доранд.

Баъзан “сарвариро сифати барҷастаи шахс ҳисобида, онро бо чунин сифатҳо муайян менамоянд: ақли расо, иродаи матин, қобилияти беҳамтои ташкилотчигӣ ва ғайра. Баъзе муҳаққиқон онро вобаста ба таълиму тарбия ва таҷрибаи зиндагӣ истеъдоди фитрӣ ва худододӣ низ медонанд. Ҳамин тавр, дар дунё бисёр сарварони сиёсиеро номбар кардан мумкин аст, ки барои миллату давлатҳои худ хизматҳои барҷаста намудаанд. Яъне нақши сарвари сиёсӣ аз нигоҳи мусбат дар рушду нумуи давлату миллатҳо хеле назаррас аст” [55].

Ҳамин аст, ки дар лаҳзаи душвори таърихи муосири Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба саҳнаи сиёсӣ ворид гардида, масъулияти сарнавишти кишварро ба дӯши худ гирифт. Дар шароити афзоиши нооромиҳо, Эмомалӣ Раҳмон 19 ноябри соли 1992 дар иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Парлумон ва раҳбари давлат интихоб шуд. Ба қудрат расидани ӯ дар замоне рух дод, ки кишвар дар остонаи фурӯпошӣ қарор дошт: маркази ягонаи қабули қарорҳо, механизмҳои назорати вазъият вуҷуд надошт ва эътимод ба ниҳодҳои сиёсӣ коҳиш ёфта буд. Бо расидан ба мақоми сарвари давлат дар як лаҳзаи муҳими таърихӣ, ӯ рамзи сулҳ, ризоият, эҳёи миллӣ ва ҳимояи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Суханони он кас дар парлумон – «Ман омодаам ҷони худро барои ноил шудан ба сулҳ фидо кунам" - на танҳо як эъломия, балки як принсипи роҳнамо барои амалҳои минбаъда гардиданд»

Давра ба давра собит шуд, ки Пешвои миллат аз зумраи он сарвароне мебошанд, ки сулҳро асоси пешрафти тамоми соҳаҳо, зиндагии осудаи аҳолӣ ва суботу амнияти тамоми башарият медонанд. Пешвои миллат зимни суханронии нахустини хеш ҳамчун Сарвари давлат иброз намуда буданд: “Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард” [59].

Эмомалӣ Раҳмон на танҳо рамзи умед ба сулҳ, балки омили муттаҳидшавии ҷомеа низ гардид. Дар шароити низоъҳои шадид, он кас ҳамчун миёнарав, кафил ва меъмори системаи сиёсии оянда хидмат кард. Эмомалӣ Раҳмон бо кӯшишҳои шахсии худ ва иштирок дар музокироти байнитоҷикон раванди сулҳ ва барқарор кардани эътимод байни ҷонибҳои даргирро оғоз кард.

Дар ин росто, албатта, шахсияти аввал ҳамчун Сарвари сиёсии хизматнишондода “ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Аз ин рӯ, Президенти кишвар дар феҳристи шахсиятҳои варзидаи дунё мақоми шоиста доранд. Эмомалӣ Раҳмон дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ ягона Сарвари сиёсие мебошанд, ки тамоми ҳастии худро ба миллату Ватан бахшидааст. Интихоб гаштаниЭмомалӣ Раҳмон ба сифати Сарвари сиёсии мамлакат дар ҳамон вазъият санҷиши мардонагӣ, масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ буд, ки ҳокимияти сиёсии фалаҷгаштаро барқарор, муносибатҳои бенизоми иҷтимоиро муътадил ва сулҳу амниятро пойдор карда тавонистанд”[55].

Аҳаммияти хоси иштироки шахсии “Эмомалӣ Раҳмон дар даврҳои асосии музокирот, аз ҷумла музокироте, ки дар Афғонистони ҷангзада баргузор шуданд, буд. Ин ба аудиторияи дохилӣ ва хориҷӣ нишон дод, ки роҳбари давлат сулҳро на ҳамчун риторикаи дипломатӣ, балки ҳамчун як ӯҳдадории стратегӣ ва ахлоқӣ мебинад”[59].

Аз рӯзҳои аввали роҳбарии худ, Эмомалӣ Раҳмон се афзалиятро муайян кард: барқарор кардани сулҳ, баргардонидани гурезагон ва тақвияти ваҳдати миллӣ. Ин ҳадафҳо дар Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуда, асоси тамоми сиёсати минбаъдаи давлатиро ташкил доданд. Таъсиси ҳокимияти муассири давлатӣ, ташаккули низоми нави сиёсӣ ва тақвияти пояҳои давлатдорӣ қадамҳои муҳим дар рушди Тоҷикистони муосир гардиданд.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» нақши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро дар давлатдории навини тоҷикон ба таври возеҳ чунин муқаррар кардааст: «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти кишвар интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъриxиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст»[1].

Анъанаҳои давлатдорӣ, сиёсати хориҷӣ, дипломатия, ниҳоди миёнҷигарӣ ва сулҳҷӯӣ - ҳамаи инҳо ҳамеша қисми мероси таърихии мардуми тоҷик буданд. Аммо, рушди пурраи сиёсати хориҷӣ ҳамчун абзори пайгирии манфиатҳои миллӣ танҳо бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ имконпазир гардид. Таъсиси хадамоти дипломатӣ, ҳамчун ифодаи истиқлолияти давлатӣ, як қадами муҳим дар роҳи тақвияти мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Имрӯз ҳодисаҳои пурдаҳшат ва низоъҳои давомдори Ховари Миёна ҳушдор медиҳанд, ки набудани сулҳу ҳамдилӣ ва ваҳдати комил боиси сар задани ҷангу кушторҳои зиёд хоҳад гардид.

Хулоса метавон гуфт, ки Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини амният дар минтақа фаъолона талош меварзад, ки мустақиман ба таҳкими муносибатҳои дӯстона мусоидат менамояд.

Пешвои миллат ҳамкории фарогири минтақавиро ҳамчун муҳимтарин василаи ҳалли масъалаҳои сиёсию амниятӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, ҷонибдори сулҳу субот, рушди устувори минтақа, ҳамзистии осоишта ва дӯстонаи мардумони минтақа мебошанд.

Маҳз ҳамин талошҳо сабаб шуданд, ки имрӯз дар минтақаи мо фазои ҳамгироӣ ва дарки умумияти тақдиру сарнавишти давлатҳо ва мардумони онҳо торафт тавсеа ёфтанд. Нақши Тоҷикистон таҳти

роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсии муваффақ ва ботаҷриба дар раванди музокироти сиёсӣ ҷиҳати пойдории субот, рушди ҳамкорӣ, инчунин тавсеаи ҳамгироии созанда дар минтақа эътироф гардидааст.

Мавриди қайд аст, ки нақши муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсии байнитоҷикон хусусияти амлалӣ дошта, таъсири он натанҳо барои кишвари мо, балки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ низ муҳиммияти хосса дорад. Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари сиёсии муваффақ ва танзимгари музокироти сиёсӣ дар арсаи байналмилалӣ шинохта мешавад.

**ХУЛОС А**

Таҳлилу таҳқиқи илмӣ нишон медиҳад, ки тартиби ба амал баровардани принсипи ҳалли осоиштаи баҳсҳои байнидавлатӣ дар шакли системаи ҳуқуқи байналхалқӣ мавҷуд аст. Мутобиқи моддаи 33 Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, давлатҳои иштирокчии низоъ, ки идомаи он ба ҳифзи сулҳу амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунад, бояд тавассути музокирот, муколама, миёнаравӣ, созиш, арбитраж, мурофиаҳои судӣ амал кунанд ва ба созмонҳои минтақавӣ муроҷиат намоянд. Дар ин моддаи Оинномаи СММ қариб ҳамаи воситаҳои баргузории баҳсу муҳокимаҳо оид ба ҳалли низоъҳои сарнагуншуда номбар шудаанд ва гуфтушунидҳои сиёсӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муассиртарини ҳалли баҳсҳои байналмилалӣ муайян карда шудаанд. Ин аз он сабаб аст, ки ҳадафҳои дақиқ, тартиби иштирокчиён, сатҳи намояндагии онҳо дар музокирот, масъалаҳои ташкилӣ бо ҷонибҳои баҳс мувофиқа карда мешаванд. Мувофики принсип ва меъёрҳои муосири принсипҳои байналхалқӣ музокирот бояд дар асоси баробарӣ ба роҳ монда шуда, ҳар як ҳодисаи вайрон кардани иродаи тарафҳо бояд истисно карда шавад.

Дар асоси таҳлили масоили музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳое, ки дар Осиёи Марказӣ ба амал омаданд, хулосаҳои зеринро метавон баён намуд:

1. Чунон ки маълум аст, таҳлили масоили музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун усули боэътимоди ҳалли низоъҳо сазовори диққати ҷиддии тадқиқотчиён ва мутахассисони соҳа мебошад. Музокироти сиёсӣ ва ҳалли дипломатии низоъҳо дар фаъолияти давлатҳои муосир навъи махсуси шарикии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Албатта, музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун воситаи ҳамфикрӣ дар масъалаҳои ҷанг ва сулҳи байни тарафҳои ба ҳам мухолиф, давлатҳо ва халкҳоро муттаҳид мекунад. Чунин равиш ба танзими низоъҳо, пеш аз ҳама, барои ҳалли он масъалаҳое зарурат дорад, ки ба муътадил гардондани вазъияти тезутунд, ки дар равобити байни давлатҳо ба амал омадаанд, бевосита мусоидат менамояд.

Маҳз тавассути дипломатия ва фаъолияти дипломатҳои касбӣ барои пешгирии низоъҳо, ҳалли мусолиматомези баҳсҳои байналмилалӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои мутақобилан судманди байнидавлатӣ шароит фароҳам овардан мумкин аст. Ҳамзамон бо истифода аз хадамоти дипломатӣ давлат метавонад дар хориҷи кишвар таъриху фарҳанги худро тарғиб кунад ва барои ба имзо расонидани созишномаҳои нави мутақобила замина фароҳам оварад.

Хусусиятҳои фарққунандаи гуфтушунидҳои мустақими дипломатӣ, ки дар сатҳи намояндагиҳои чунин сатҳ гузаронида мешаванд, дар он ифода мешавад, ки иштирокчиёни онҳо дар асоси дастурҳои дақиқ танзимшуда амал мекунанд, дар ҳоле ки онҳо ҳуқуқи мустақилона додани хулосаи ниҳоиро надоранд.

Бо вуҷуди ин, музкироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун усули асосии ҳалли низоъҳо дар ҳалли низоъҳои маҳаллӣ ҳам дар тамоми ҷаҳон ва ҳам дар минтақаи Осиёи Марказӣ васеъ паҳн гардидаанд. Ба андешаи мо, онҳо барои ҳалли осоиштаи бисёр ихтилофҳои байнидавлатӣ аҳамияти калон доранд ва дар оянда метавонанд роҳи асосии (агар ягона набошад) ба тартиб андохтани масъалахои баҳсталаб дар сатхи минтақавӣ гардад.[ 1. М]

2. Баъди фурӯпошии Иттифоқи Советӣ дар дохили ҷумҳуриҳои соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ ва байни онҳо пайваста оид ба масъалаҳои гуногун, пеш аз ҳама, вобаста ба аломатгузории марзҳои давлатӣ баҳсҳо ва ихтилофҳо ба вуҷуд омадаанд, ки аксар вақт боиси низоъҳои ошкорои мусаллаҳонаи маҳаллӣ гардад. Зимнан, агар мо ба гунае иқтидори низоъҳоро дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон арзёбӣ намоем, ошкор кардани таъсири омилҳои мухталиф дар амалияи вазъияти низоъӣ душвор нест.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чаҳор кишвари хориҷӣ: Афғонистон (1344 км), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (1332 км), Ҷумҳурии Қирғизистон (913 км) ва Ҷумҳурии Мардумии Чин (514 км) ҳамсарҳад аст. Дарозии

умумии марзи Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя 4103 километрро ташкил медиҳад. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлати ҷавони тоҷикон пешбурди музокирот бо давлатҳои ҳамсоя барои муайян кардани хатти сарҳад – делимитатсия ва демаркатсия буд.

Барои нишон додани самтҳои эҳтимолии иқтидори низоъии кишварҳои минтақа омилҳои дар боло зикргардидаи тезутундшавии чунин вазъиятро ба асос гирифтан лозим аст. Агар, масалан, дар Узбакистону Қирғизистон, вазъи пуршиддати низоъ дар равобити оштинопазири ҳукумат ва мухолифон метавонад таъсири бузург дошта бошад, пас дар Тоҷикистон ба шарофати ба даст овардани сулҳ, қонунигардонии фаъолияти аҳзоби сиёсӣ, рақобат ба дараҷаи минималӣ расонда шудааст.

Аммо ҳоло низоъҳои марзӣ низ бахше аз мушкилоти сиёсии ҳалношудаи кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбакистон мебошанд. Қобили зикр аст, ки музокироти ҷонибҳо оид ба делимитатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар асоси принсипҳои риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, адолат ва оқилона, созандагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эътимоди мутақобила ва гузаштҳои мутақобила ҷараён дорад. Аммо даргириҳои маҳаллӣ дар манотиқи марзии Қирғизистону Тоҷикистон, Қирғизистону Узбакистон то чанд соли охир аз печидатарин масоили ҳалношуда дар минтақа маҳсуб меёфтанд, ки дар кишварҳои дигари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил боиси таассуф шуд.

Бо назардошти ин, яке аз роҳҳои муҳими ҳалли онҳо музокирот мебошад. Онҳо инчунин барои ҳалли низоъҳои маҳаллӣ, ки аксар вақт байни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар асоси даъвоҳои ҳудудӣ ё дига омилҳо ба вуҷуд меоянд, хеле заруранд.

Музокирот дар сатҳи байнидавлатӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои баҳсбарангези муштарак баррасӣ шаванд ва барои ҷалби миёнаравҳо барои ҳалли мусолиматомези низоъҳои сиёсӣ шароит фароҳам оварда шавад. Агар музокироти мазкур эҳтимолан ҳамчун усул ё роҳи танзими низоъҳои сиёсӣ фаҳмида шаванд, пас онҳо метавонанд шакли муҳокимаи озод, одилона ва ҳамдигарфаҳмиро дошта бошанд. [ 2. М]

3. Нақши музокираҳои сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои маҳаллӣ дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ падидаи нотакрор ва ҷузъи муҳими фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоии мардуми ин кишварҳо дониста мешавад. Музокироти сиёсии тарафҳои даргир, пеш аз ҳама, раванди ваҳдат ва

пойбандӣ ба ташаббусҳои созандаву эҷодкорона, фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва таҳаммулпазирӣ дар муносибатҳои кишварҳои ҳамсояи минтақа арзёбӣ мешавад.

Бо вуҷуди он ки дар Тоҷикистон беш си сол мешавад, ки сулҳу ваҳдати миллӣ ҳукмрон аст, даъвоҳои беасоси ҳудудии бархе аз ҳамсоя кишварҳояш (масалан, Қирғизистон) метавонист кишварро ба вартаи нави низоъҳои байнидавлатӣ кашад. Барои роҳ надодан ба чунин ҳодисаҳои номатлуб роҳбарияти олии сиёсии кишвар тамоми чораҳои имконпазирро андешид ва аз роҳҳои дипломатӣ дар доираи меъёрҳои мавҷудаи ҳуқуқии байналмилалӣ, пешбурди музокиротро оид ба таъини одилонаи сарҳад самаранок истифода намуд.

Дар баробари ин, музокироти сиёсие, ки дар таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ васеъ истифода мешаванд, бояд барои ҳалли низоъҳои маҳаллӣ ва ҳалли ихтилофоти байнидавлатӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ татбиқ карда шаванд. Маҳз ҳамин усул бо назардошти манфиатҳои ҷонибҳои ба ҳам мухолиф дар раванди гуфтушунид метавонад низоъҳоро, ки дар минтақаи пасошӯравии Осиёи Марказӣ ба миён меоянд, бо роҳи осоишта ҳал кунад.

Инро дар ҳалли масъалаи аломатгузории марзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон пас аз фурӯпошии Иттифоқи Советӣметавон тасдиқ намоем. Албатта, бо истифода аз зарфиятҳои музокироти сиёсӣ масъалаҳои марбут ба аломатгузории марзҳои шимолии Тоҷикистон ва навоҳии ғарбии Ҷумҳурии Қирғизистонро низ бо роҳи осоишта ҳал кардан мумкин аст, ки айни ҳол бо маром идома дошта, дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор дорад. Таҳлили масоили дурнамои татбиқи музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои эҳтимолӣ дар Осиёи Марказӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки то замоне ки дар байни кишварҳои минтақа масъалаҳои ҳалношудаи ҳудудӣ ва обӣ-табиӣ вуҷуд доранд, хавфу хатари ба амал омадани баҳсҳои ҷиддӣ дар байни онҳо боқӣ мемонад. [ 2. М]

4.Маҳз, бо усули пешбурди музокироти фаъоли муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари мо ҳамчун иштирокчии фаъол дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ шинохта шудааст.Музокироти фаъоли Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони дигар кишварҳо, ки ба таъмини амнияти минтақавӣ ва мубориза бо терроризм ва экстремизм нигаронида шудаанд, ки тасдиқи ин гуфтаҳо мебошад.Фаъолияти сулҳҷӯёнаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эътирофи байналмилалӣ касб намуда, бо ҷоизаҳои баланд қадрдонӣ

шудааст.Ба шарофати ҳамкории фаъоли байналмилалӣ ва ба таври возеҳ ва саривақтӣ ба миён гузоштани масъалаҳои муҳим дар арсаи байналмилалӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ҳамчун яке аз давлатҳои фаъолтарин ва созандатарин дар Осиёи Марказӣ эътироф шудааст.

Аз ин рӯ, мардуми Тоҷикистон ба таври воқеӣ аз як роҳбари хирадманд ва фидокор, марде, ки тавонист миллатро муттаҳид кунад ва онро ба сӯи сулҳу шукуфоӣ роҳнамоӣ кунад, миннатпазиранд. Шахсияти Эмомалӣ Раҳмон омили калидии субот ва рушд боқӣ мемонад, ки аҳамияти роҳбарӣ дар ташаккули давлатдории муассирро тасдиқ мекунад. [ 3. М]

Албатта, дар оянда кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд ба назар гиранд, ки онҳо бояд идеологияи ҳалли низоъҳои сиёсиро дар шароити ҷаҳонишавии фарогир аз худ кунанд, то ки халқҳои онҳо принсипҳои тавоноии эҷоди муносибатҳои мутамаддинро аз худ намоянд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Дар шароити муосир дар ҷаҳон навъҳои нави низоъҳои мусаллаҳона торафт бештар шудааанд, ки дастгоҳи давлатии кишварҳои ҷаҳон ба ҳалли онҳо дар танҳоӣ қодир нестанд, аз ин рӯ аз имкониятҳои бузурги музокироти сиёсӣ самаранок истифода бурдан зарур аст.

Бинобар ин, дар доираи таҳлили таҳқиқоти мазкур ва натиҷагирӣ аз он зарур мешуморем, ки барои дарки дуруст, пешгирӣ, танзим ва татбиқи самараноки музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун навъи махсуси ҳалли низоъҳои эҳтимолии минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ пешниҳодҳо ва тавсияҳои зеринро иброз медорем:

1. Кишварҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки ҷиҳати пешгирии низоъҳои эҳтимолии байнидавлатӣ аз роҳи музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун навъи махсуси танзим ва ҳалли низоъҳои минтақвӣ ба таври васеъ истифода намоянд.
2. Иҷрои саривақтии санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дар раванди музокирот ва қолабҳои дигари вохуриҳо аз тарафи ҷонибҳо оид ба ҳалии баҳсҳои сарҳадӣ ва дигар баҳсҳои байни давлатӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ба имзо расидаанд, омили муҳим ба шумор рафта, барои пешгирӣ, танзим ва ҳалли ҳамагуна низоъҳо дар минтақа мусоидат менамояд.

3. Аз замонҳои қадим, масъалаҳои ҳалли низоъҳо тавассути гуфтушунид ва созишномаҳо байни халқҳое, ки ин раванд барои онҳо қисми ҷудонашавандаи фарҳанги минтақаи Осиёи Марказӣ буд, ҳал мешуданд. Дар натиҷа, баргузории гуфтушунидҳои байналмилалӣ, ки ба ҳалли низоъҳо ва баҳсҳо байни кишварҳо ва нигоҳ доштани сулҳу ризоият байни халқҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд, анъанаҳои муқарраршудаи ин халқҳоро таъкид мекунад. Бешубҳа, гуфтушунидҳои сиёсӣ ба ҳалли осоиштаи низоъҳо мусоидат мекунанд ва барои ҳамзистии осоишта байни халқҳои Осиёи Марказӣ шароит фароҳам меоранд. Дар оянда созмонҳои байналмилалии минтақавӣ бояд талошҳои худро ба ҳамкорӣ дар ҳалли низоъҳо ва баҳсҳои байналмилалӣ байни халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ равона намоянд. Омили инсонӣ, ки метавонад ба ҷараёни музокироти сиёсӣ таъсири назаррас расонад, дар ин кор нақши муҳим мебозад. Албатта, нақши роҳбарони давлатҳо дар баргузории музокирот хеле муҳим аст. Бояд қайд кард, ки дигар иштирокчиён низ метавонанд дар музокиротии сиёсӣ иштирок намоянд ва ба раванд таъсир расонанд.
4. Нақш ва мақоми омили инсонӣ метавонад дар раванди музокироти сиёсӣ таъсири зиёд расонад. Масалан, мақоми президентҳои кишварҳоро ҳамчун танзимгарони музокироти сиёсӣ ҷиҳати ҳалли низоъҳо арзёбӣ намуд. Хусусан, ҷойгоҳи Президенти Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди муколамаҳои байни тоҷикон ва кишварҳои минтақа падидаест, ки имрӯз ҳам боиси ҳалли низоххои мухталифи ҷомеа шуда метавонад. Холо ҳам , таваҷҷӯҳ ба он равандҳои музокироти сиёсии миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ афзоиш меёбад, ки омӯзиши ҳалли ниҳоии низоҳҳо ва раванди муколамаи онҳо бояд дар мактабҳои олии ин кишварҳо ба роҳ монда шавад.

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ФИЛОСОФИИ И ПОЛИТОЛОГИИ
ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА

ТДУ: 341.76(575)+ 32(575. 3)

*На правах рукописи*

МАХМАДОВА ФАРЗОНА АБДУРАХМОНОВНА

# ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПЕРЕГОВОРЫ И ИХ НЕПОСРЕДСТВЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ В УРЕГУЛИРОВАНИИ РЕГИОНАЛЬНЫХ КОНФЛИКТОВ (ОПЫТ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ)

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальности 5.6.4 – Политические проблемы международных отношений, глобальное и региональное развитие

**ДУШАНБЕ – 2026**

Работа выполнена в Отделе международных отношений
Института философии и политологии им. А. Баховаддинова
Национальной академии наук Таджикистана

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Раджабов Саитумбар Адинаевич** – доктор юридических наук, профессор, заведующий отделом международного права Института государства и права НАНТ |
| **Официальные оппоненты:** | **Саидзода Зафар Шерали –доктор исторических наук** , заведующий отделом СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ; |
| | **Хусейнзода Аминджон Бурихон** - кандидат политических наук, заместитель ректора по методическому образованию Института иноваций и цифровых технологий Таджикистан |
| **Ведущая организация:** | Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава. |

Защита состоится «20» июня 2026 г., в 13:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-79, созданного на базе Института философии и политологии им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана по адресу: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33.

С диссертацией можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке им. Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана (734025, РТ, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33) и на официальном сайте Института философии и политологии им. А.Баховаддинова (www.ifppanrt.tj).

Автореферат разослан «___» ___________ 2026 г.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат политических наук**
**Email: Sanginov1953@mail.ru** **Сангинов Н.Н**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования** заключается в том, что проблема политических переговоров и их непосредственные особенности в разрешении региональных конфликтов в странах Центральной Азии после обретения государственной независимости вышли на передний план внутренней и внешней политики. Изучение этого явления как средства разрешения политических конфликтов в политической жизни этого региона приобрело как никогда важное значение. Исходя из этого, изучение проблемы политических переговоров как способа предотвращения и разрешения региональных конфликтов сегодня имеет особое значение в странах Центральной Азии.

Стоит отметить, что после обретения политической независимости в странах Центральной Азии обострилась проблема развития конфликтов, что серьезно сказалось на межгосударственных отношениях между Таджикистаном, Узбекистаном и Кыргызстаном. Следует отметить, что конфликт в регионе возникает, когда одно государство или группа государств не учитывает национальные интересы других. Это, прежде всего, напрямую влияет на политические процессы в сфере безопасности, государственных границ, экономических вопросов, национальных отношений, религии и идеологии.

В то же время, возникновение межгосударственных конфликтов зависит от формы и механизмов их возникновения. Следовательно, эксперты, политические лидеры и посредники должны находить способы разрешения конфликтов посредством дебатов и других форм межгосударственных переговоров — дипломатии и нетрадиционных действий.

В настоящее время экономические и политические санкции международного сообщества также используются для предотвращения и разрешения региональных конфликтов. При этом международные силы не требуют согласия противоборствующих сторон для разрешения насильственного конфликта. Этот вопрос касается компетенции Организации Объединенных Наций по поддержанию мира и спокойствия в мире. Следует отметить, что средства предотвращения и разрешения политических конфликтов зависят, прежде всего, от их различных типов. Определение и признание причины конфликта является одним из способов его предотвращения и разрешения. Например, до подписания «Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане» прошел длительный мирный процесс, в ходе которого были заложены основы международных отношений Таджикистана с ООН, ОБСЕ,

Россией, другими государствами-членами СНГ, Афганистаном, Ираном и Пакистаном. Фактически, первые международные договоры и соглашения Таджикистана были подписаны в контексте гражданской войны и, прежде всего, были направлены на прекращение и предотвращение войны и устранение ее последствий» [15, с. 29].

Таким образом, тема «Политические переговоры и их непосредственные особенности в разрешении региональных конфликтов» всегда нуждается в дальнейшем совершенствовании и развитии новых методов исследования, связанных с объективным анализом и изучением этого вопроса. Выбор темы научно-исследовательской работы и ее развитие в период независимости нашей страны заложили прочную основу для стабилизации интенсивности различных региональных конфликтов и подтвердили актуальность и значимость темы.

**Степень научной разработанности темы.** Изучение проблем политических переговоров и особенностей их проявления в разрешении региональных конфликтов на примере государств Центральной Азии в настоящее время крайне редко встречается и требует всестороннего концептуального объяснения. Данная тема развивается в связи с разрешением региональных конфликтов на основе теоретико-методологических исследований отечественных и зарубежных ученых.

Необходимо разделить степень исследований по данной научной теме на следующие группы.

**В нервую группу входят** западные авторы – Л. Козер [63], Р. Дарендорф [64], К. Боулдинг [65], А. Раппопорт [66], И. Галтунг [67], Ч. П. Ледерак [69] и др., которые разработали идеи теории конфликта и конфликтных ситуаций.

**Вторая группа** представлена российскими учеными, такими как Василенко И.А. [5], Анцупова А.Я., Шипилова А.И. [3], Соколова С.В. [26], Борисполец К.П. [4], Кулагин В.М. [11], Игнатова А.В. [8], которые изучали вопросы конфликтов и международных переговоров. Политические переговоры и посредничество как средство разрешения конфликтов подробно обсуждались в других публикациях российских ученых, где анализировались посредничество как альтернативный способ разрешения конфликтов.

**Третья группа** состоит из следующих отечественных исследователей: Махмадова А.Н., Хопёрской Л.Л., [15; 17], Раджабова С.А. [20; 21; 22;], Сайдзода З.Ш. [58; 59; 60], Фаттоева С. [27], Рахматуллаева Е. [24], Хидировой М.У. [28], Зокирова Г.Н. [7], Мухаммадзода П.А. [40; 41; 42; 43], Хакимова Р.М. [37], Имомова А. [38], чьи научные работы

подчеркивают источники возникновения и углубления конфликтов и конфликтных ситуаций в регионе Центральной Азии, а также использование переговорного процесса для их разрешения.

**Четвертая группа** включает исследования таджикских политологов, таких как С. Расулов[34], С. Махмадов[16], С. Зойдов[31] и С. Муродов[32], которые непосредственно анализируют и обсуждают вопросы политической коммуникации, политического диалога, диалога как социально-политического явления и т. д.

Необходимо подчеркнуть, что вопросы переговоров в монографиях и научных трактатах вышеупомянутых авторов рассматриваются как диалог, коммуникация и политическая коммуникация. На наш взгляд, такой подход больше связан с социально-философским пониманием проблемы, поскольку в политологии переговоры, особенно их политическая трансформация, рассматриваются как важная часть диалогового процесса. В этом отношении большое внимание привлекает научная работа С. Х. Расулова, в который отмечается, что «политическая коммуникация, как официальная, публичная, институциональная коммуникация между властями и народом, политиками между собой, имеющая различные характеристики, является политическим событием и требует исследования с точки зрения типов коммуникации и конкретных коммуникационных ситуаций» [34].

Следует отметить, что вопросы переговоров в монографиях и научных иследованиях вышеупомянутых авторов рассматриваются как диалог, коммуникация и политическая коммуникация. Однако анализ других политических вопросов показывает, что реализация переговорных моделей разрешения конфликтов, в большей степени, зависит от сотрудничества политических образований и направлена на разрешение реальных, текущих конфликтов.

Несомненно, политические переговоры прокладывают путь к взаимному сотрудничеству как внутри страны, так и между государствами. На этой основе нарушение государственных границ, ухудшение различных международных отношений и возникновение новых конфликтов, все другие виды региональных конфликтов требуют политических и дипломатических переговоров.

В этой связи вполне оправдано утверждение, что «использование посредничества на социально-международном уровне имеет свои особенности, которые зависят от того, что в международных политических процессах обычно участвует много сторон: государства и их представители, региональные и международные организации, включая отдельные лица или

группы лиц, не представляющих ни одно государство, и, конечно же, представители гражданского общества. Объекты спора, степень риска самого процесса примирения, его продолжительность, отношение сторон друг к другу и к посреднику, интенсивность ситуации и т. д. различаются» [86].

Стоит отметить, что в процессе медиации большое значение имеет тип конфликтов, разрешаемых с помощью медиатора и политических переговоров. Следует отметить, что в научных работах центральноазиатских исследователей, таких как: Раджабова С.А.[21], Джекшенкулова А.Д.[6], Олимова М., Камолиддинова А.[44], Майтдиновой Г.М.[39], Суюнбойева М., Мамитовой А.[46], Усубалиева Т.У.[47], Бобохонова Р.[49], Масадиковой Т.[54], обсуждались и анализировались конкретные проблемы политических конфликтов между странами Центральной Азии. Например, анализируя это явление, профессор Раджабов С.А. отмечает, что «в настоящее время ведется активная работа по подписанию соглашений между ООН и региональными организациями для создания прочной правовой основы для сотрудничества между ними. По мнению автора, подписание таких соглашений между региональными организациями может значительно повысить эффективность их работы в направлении мирного урегулирования международных конфликтов» [21, с. 56].

Таким образом, представляется, что недостаточное изучение вопросов сущности и роли политических переговоров и их непосредственных характеристик в разрешении региональных конфликтов и военных ситуаций в Центральной Азии в отечественных социальных науках, на наш взгляд, дополняется результатами нашей научной диссертации.

**Связь исследований с программами(проектами) или научной тематикой**. Диссертационное исследование проводилось в рамках реализации планов научно-исследовательской работы Отдела международных отношений Института философии и политических наук им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана по теме «Участие Республики Таджикистан в институтах региональной интеграции как фактор устойчивого развития и безопасности Таджикистана».

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования** – анализ политических переговоров и их непосредственных особенностей в урегулировании региональных конфликтов на примере стран Центральной Азии.

С учетом поставленной цели, мы считаем необходимым решить следующие **исследовательские задачи**:

— изучение и анализ современных научных подходов к выявлению сущности политических переговоров;

— описание политико-дипломатических переговоров как особого вида разрешения региональных конфликтов;

— рассмотрение непосредственных особенностей политических переговоров и оснований для возникновения региональных конфликтов в странах Центральной Азии;

— обоснование статуса и роли политических переговоров в разрешении региональных конфликтов в странах Центральной Азии;

— определение перспектив осуществления переговоров в разрешении потенциальных конфликтов в Центральноазиатском регионе;

— анализ статуса человеческого фактора в процессе политических переговоров;

— рассмотрение роли Эмомали Рахмона как политического лидера в процессе политических переговоров.

**Объектом исследования** являются политические переговоры и их непосредственные особенности в разрешении региональных конфликтов.

**Предметом исследования** является определение сущности феномена политических переговоров, этапов его развития, роли и статуса человеческого фактора в переговорном процессе, а также путей и перспектив возможного разрешения политических конфликтов в Центральной Азии.

**Гипотеза исследования.** В условиях глобальной неопределенности в различных регионах мира продолжаются вооруженные конфликты, угрожающие современной международной системе безопасности. Следовательно, переговоры как социально-политический феномен могут способствовать разрешению различных конфликтов, в том числе в процессе вооруженных конфликтов. Однако в некоторых случаях переговоры могут столкнуться с трудностями из-за различных факторов, что может сделать переговорный процесс затяжным и многоэтапным. Считается, что политические переговоры охватывают различные виды и способы регулирования и разрешения конфликтов, а также включают различные теоретические и методологические направления. Поэтому осуществление политико-дипломатических переговоров как особого вида регулирования и

разрешения региональных конфликтов рассматривается как важное и эффективное направление.

**Теоретической основой исследования** являются идеи известных политологов, а также другие научные разработки отечественных и зарубежных исследователей в области теории и практики политических переговоров и их непосредственных особенностей в разрешении региональных конфликтов, принятые международно-правовые инструменты, в регулировании и разрешении политических конфликтов.

Кроме того, теоретической основой исследования является парадигма конфликтологии, которая базируется на концепции позитивно-функционального конфликта Л. Козера, конфликтопровоцирующей модели общества Р. Дарендорфа и общей теории конфликтологии М.А. Штанко и др.

В нашем исследовании в качестве основы использованы концепции, разработанные С. Расуловым, С.А. Махмадовым, С.Н. Зойдовым, С. Муродовым, Г.М. Майтдиновой, А. Камолиддиновым, М. Суюнбойевым, А. Мамитовой, Т.У. Усубалиевым, Н. Минбойевым. Использование этих методов позволило изучить переговоры и основы возникновения региональных конфликтов в странах Центральной Азии, а также показать пути их разрешения.

**Методологические основы исследования.** Для решения задач, поставленных в процессе анализа темы, использовались общенаучные методы, включая системный, логический, функциональный, сравнительный, политологический и др. В диссертации применялся междисциплинарный подход, основанный на непосредственных особенностях политических переговоров, используемых в политологии, конфликтологии и дипломатии.

